РАҲИМОВ С.Х.
ОЛИМОВ Д.А.

# НАЗАРИЯИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

## МАҶМӮИ МАСЪАЛАҲО ВА ТЕСТҲОИ САНҶИШӢ

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШКАДАИ МОЛИЯИ ТОҶИКИСТОН**
***Кафедраи ҳисобдорӣ, таҳлил ва аудит***

**РАҲИМОВ С.Х., ОЛИМОВ Д.А.**

# НАЗАРИЯИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

**(маҷмӯи масъалаҳо ва тестҳои санҷишӣ)**

**Шӯрои илмӣ-методии Донишкадаи молияи Тоҷикистон аз 31 майи соли 2011, пайнавишти № 9 ба иашр тавсия кардааст.**

**Душанбс**
**«ЭР-граф»**
**2011**

ББК 65.052.21+92Я2
Р-45

**Муқарризон:**
**Уроқов Д.У.,** д.и.и., профессор,
**Менгниев А.Х.,** н.и.и, дотсент,
**Раҳмонов А.М.,** директори ПИТ «Молия»-и назди ВМ ҶТ.

**Раҳимов С.Х., Олимов Д.А.**
Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Маҷмӯи масъалаҳо ва тестҳои санҷишӣ./ дастури таълимӣ/ бо таҳрири н.и.и., дотсент Низомов С.Ф. – Душанбе: «ЭР-граф», 2011. – 176 с.

Дастури таълимӣ мувофиқи талаботҳои стандарти давлатии маълумоти олии касбӣ, ки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, таҳия гардидааст.

Дар дастури таълимӣ маҷмӯи масъалаҳо ва тестҳои санҷишӣ оиди мавзӯъҳои асосии назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ оварда шудааст. Маҷмӯи масъалаҳо ва тестҳои санҷишӣ давоми мантиқии маҷмӯи лексияҳо аз фанни мазкур буда, ба донишҷӯён ва истифодабарандагон имкон медиҳад, мавзӯъҳои мувофиқи барнома таҳияшударо аз ҷиҳати амалӣ пурра азхуд намоянд

Барои донишҷӯёни мактиби олӣ, ки аз рӯи ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» дар низоми кредитӣ таълим мегиранд, дигар ихтисосҳое, ки асосҳои баҳисобгирии муҳосибиро меомӯзанд, инчунин муҳосибон ва устодони тахассусҳои иқтисодӣ тавсия карда мешавад.

ISBN 978-99947-41-72-4

© С.Х.Рахимов, Д.А.Олимов, 2011.

## МУНДАРИЧА


| | | |
|---|---|---|
| | *Муқаддима* ........................................ | 5 |
| **Мавзӯи 1.** | **Мавқеи баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунӣ** ........................................ | 6 |
| | Тестҳои санҷишӣ ........................................ | 6 |
| **Мавзӯи 2.** | **Предмет ва методи баҳисобгирии муҳосибӣ** ..... | 10 |
| | Масъалаи 1 ........................................ | 10 |
| | Масъалаи 2 ........................................ | 12 |
| | Масъалаи 3 ........................................ | 13 |
| | Тестҳои санҷишӣ ........................................ | 16 |
| **Мавзӯи 3.** | **Тавозуни ҳисобдорӣ** ........................................ | 22 |
| | Масъалаи 4 ........................................ | 22 |
| | Масъалаи 5 ........................................ | 24 |
| | Масъалаи 6 ........................................ | 27 |
| | Тестҳои санҷишӣ ........................................ | 30 |
| **Мавзӯи 4.** | **Низоми ҳисобҳо ва сабти дутарафа** ................ | 39 |
| | Масъалаи 7 ........................................ | 39 |
| | Масъалаи 8 ........................................ | 42 |
| | Масъалаи 9 ........................................ | 49 |
| | Тестҳои санҷишӣ ........................................ | 56 |
| **Мавзӯи 5** | **Тасниф ва нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ** ........................................ | 65 |
| | Масъалаи 10 ........................................ | 65 |
| | Тестҳои санҷишӣ ........................................ | 66 |
| **Мавзӯи 6** | **Ҳуҷҷатнокунӣ ва барӯйхатгирӣ** ........................ | 71 |
| | Масъалаи 11 ........................................ | 71 |
| | Тестҳои санҷишӣ ........................................ | 77 |
| **Мавзӯи 7.** | **Сабткунакҳо ва шаклҳои баҳисобгирии муҳосибӣ** ........................................ | 87 |
| | Масъалаи 12 ........................................ | 87 |
| | Тестҳои санҷишӣ ........................................ | 89 |



КИТОБХОНАИ
Донишгоҳи технологияи Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета Таджикистана
ИНВ. № 8/4

**Мавзӯи 8.** **Принсипҳои баҳисобгирии чараёнҳои хоҷагӣ...** 96
Масъалаи 13 .................................................. 96
Тестҳои санҷишӣ .............................................. 104

**Мавзӯи 9.** **Ҳисоботи муҳосибӣ. Сиёсати баҳисобгирии ташкилот**............................ 110
Масъалаи 14 .................................................. 110
Масъалаи 15 .................................................. 119
Масъалаи 16 .................................................. 122
Масъалаи 17 .................................................. 130
Тестҳои санҷишӣ .............................................. 133

**Мавзӯи 10.** **Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳо** ........................................ 137
Тестҳои санҷишӣ .............................................. 137

***Замимаи 1. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ***.............................. 142

***Замимаи 2. Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ»*** ............................................ 151

***Адабиётҳои тавсиявӣ***.............................. 175

# МУҚАДДИМА

Фанни назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ фанни асосии назариявии базавии тахасуссӣ барои мутахассисони соҳаи ҳисобдорӣ, таҳлил ва аудит ба шумор меравад.

Омӯзиши назариявӣ ва амалии ин фан имкон медиҳад, ки мутахассисониояндаи соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит аз асосҳои методӣ, методологӣ, назариявию амалии ҳисобдорӣ бохабар бошанд ва барои дар оянда омӯхтани фанҳои тахассусӣ, ба монанди баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоравӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботии молиявӣ, аудит, назорат ва тафтишот, таҳлили молиявӣ заминаи устувор фароҳам оранд.

Дар шароити имрӯза талабот ба мутахассисони соҳаи ҳисобдорӣ, ки донандаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мебошанд, ҳамзамон аз техникаи муосири ҳисобдорӣ истифода карда тавонанд, хеле афзудааст. Ҳалли ин масъала бо донистани масъалаҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии муҳосибӣ бевосита алоқаманд аст.

Донистани асосҳои назариявӣ ва амалии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳкурсии асосӣ барои мутахасиссони соҳаи ҳисобдорӣ, таҳлил ва аудит ба шумор меравад. Дастури таълимӣ дар асоси барномаи кории таълимӣ (силлабус) таҳия шуда, пайдарҳамии азхудкунии мавзӯъҳо аз тарафи донишҷӯён пешбинӣ шудааст. Пешниҳоди масъалаҳои мухталиф оиди ҳар як мавзӯъ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки мавзӯъҳои асосии фанро пурра аз ҷиҳати амалӣ аз худ намоянд ва бо ҳалли тестҳои санҷишӣ маводҳои азхудшударо санҷанд.

Маҷмӯи масъалаҳо ва тестҳои санҷишӣ аз фанни назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи барномаи корӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит таҳия гардида, барои дигар ихтисосҳои иқтисодӣ ва муҳосибони касбӣ тавсия карда мешавад.

## МАВЗӮИ 1. МАВҚЕИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ

### ТЕСТҲОИ САНҶИШӢ:

**1. Ҳисобгирии хоҷагӣ чист?**

A. Ҳисобгирии хоҷагӣ – ин тарзи назорати фаъолияти корхона.

B. Ҳисобгирии хоҷагӣ – ин яке аз вазифаҳои идоракунии корхона

C. Ҳисобгирии хоҷагӣ – низоми назоратӣ, ченкунӣ ва бақайдгирии ҷараёнҳои истеҳсолот бо мақсади назорат ва идоракунӣ.

D. Ҳисобгирии хоҷагӣ – назорат, ченкунӣ ва бақайдгирии ҷараёни истеҳсолоти моддӣ.

**2. Кадом ченакҳо барои инъикоси амволи корхона дар ҳисобгирии хоҷагӣ истифода бурда мешаванд?**

A. Пулӣ ва меҳнатӣ.

B. Аслӣ ва пулӣ.

C. Меҳнатӣ ва аслӣ.

D. Аслӣ, меҳнатӣ ва пулӣ.

**3. Вобаста ба вазифаи идоракунӣ ахбороти баҳисобгирӣ чӣ тавр гурӯҳбандӣ карда мешавад?**

A. Нақшавӣ ва таҳлилӣ.

B. Ахборотӣ ва санҷишӣ.

C. Ахборотӣ, санҷишӣ, таҳлилӣ ва нақшавӣ.

D. Баҳисобгирӣ ва таҳлилӣ.

**4. Кадом усул дар ҳисобгирии муҳосибӣ аз охирҳои асри XV то ҳол истифода бурда мешавад?**

A. Барӯйхатгирӣ.

B. Навишти дутарафа.

C. Фарсудашавӣ.

D. Калкулятсия

**5. Кадом намуди ҳисобгирӣ барои назорати ҳамарӯзан фаъолияти ташкилот истифода бурда мешавад?**

A. Баҳисобгирии муҳосибӣ.
B. Баҳисобгирии оморӣ.
C. Баҳисобгирии фаврӣ.
D. Баҳисобгирии молиявӣ.

**6 Кадом намуди ченак барои баҳодиҳии арзиши амволи ташкилот дар ҳисобгирии муҳосибӣ истифода бурда мешавад?**

A. Сифатӣ.
B. Миқдорӣ.
C. Пулӣ.
D. Молиявӣ.
E. Идоракунӣ.

**7. Бо ёрии кадом ченак андозаи меҳнати сарфшударо муайян кардан мумкин аст?**

A. Арзишӣ.
B. Аслӣ.
C. Меҳнатӣ.
D. Пулӣ.
E. Миқдорӣ.

**8. Истифодабарандагони ахбороти ҳисоботи муҳосибӣ дар давраи муносибатҳои бозориро номбар кунед:**

A. Истифодабарадагони дохилӣ (роҳбарон, муассисон, иштирокчиён ва соҳибмулкони амволи корхона) ва беруна (маблаггузорон, кредиторон ва институтҳои молиявии гуногун).
B. Шахсони бевосита машғул ба идоракунӣ.
C. Шахсоне, ки дар корхона кор намекунанд, аммо ба фаъолияти молиявии корхона тавaҷҷӯҳи бевосита доранд.
D. Шахсоне, ки дар корхона кор намекунанд, аммо ба фаъолияти молиявии корхона тавaҷҷӯҳи бевосита доранд ва институтҳои молиявии гуногун.

**9. Кадом намудҳои ахбороти ҳисобгириро шумо медонед?**

A. Ҳисобгирии ҷорӣ, молиявӣ ва фаврӣ.
B. Ҳисобгирии фаврӣ, оморӣ ва муҳосибӣ.
C. Ҳисобгирии оморӣ, идоравӣ ва меъёрӣ.
D. Ҳисобгирии муҳосибӣ, фаврӣ ва молиявӣ.

**10. Давраҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар чӣ зоҳир мегардад?**

A. Гурӯҳбандӣ ва ҷамъбаст намудани ахборот дар ҳисобҳо ва сабткунакҳои баҳисобгирӣ.
B. Ташкил намудани ахбори ибтидоӣ ва нишондиҳандаҳои ҳисобот.
C. Коркарди ахборот ва қабули қарорҳои иқтисодӣ.
D. Ташкили ахбороти аввала, гурӯҳбандӣ ва коркарди ахбороти гирифташуда дар ҳисобҳо ва сабткунакҳои баҳисобгирӣ, тартиб додани нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ.

**11. Талаботҳои асосӣ оиди ба роҳ моидани баҳисобгирии муҳосибӣ кадомҳоянд?**

A. Риояи ҳатмии сиёсати баҳисобгирии қабулшуда дар давоми сол ва баҳисобгирии амвол ва ӯҳдадориҳо, инчунин амалиётҳои хоҷагӣ бо пули миллӣ.
B. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар давоми соли ҳисоботӣ бо усули навишти дутарафа бетаннаффус бурда мешавад.
C. Риоя кардани сиёсати баҳисобгирӣ, баҳисобгирии бетанаффус, усули навишти дутарафа, ҳисобгирии моликияти корхона ва дар ҳисобҳои муҳосибӣ сариваќт қайд намудани натиҷаҳои барӯйхатгирӣ.
D. Баҳисобгирии ҷудогонаи амволи корхона аз дигар шахсони ҳуқуқӣ ва дар ҳисобҳои муҳосибӣ саривақт қайд намудани натиҷаҳои барӯйхатгирӣ.

**12. Вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ кадомҳоянд?**

A. Таъмини истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ бо ахбороти ҳисоботи муҳосибӣ.

B. Ташкил, таъмини ахбор, сариваќт пешгирии тамоилҳои манфӣ, муайян намудани захираҳои дохилихоҷагӣ ва пешгӯӣ кардани натиҷаҳои фаъолияти корхона дар давраи ҷорӣ ва оянда.
C. Ба роҳ мондани рақобат дар бозор бо мақсади гирифтани фоидаи максималӣ.
D. Ташкили ахбори пурра ва дақиқ оиди фаъолияти корхона дар давраи ҳисоботӣ.

**13. Принсипҳои бунёдии баҳисобгирии муҳосибӣ кадомҳоянд?**
A. Худмухторӣ (автономӣ), бетанаффус, даврагӣ.
B. Яклухтии ченаки пулӣ ва фурӯш.
C. Бақайдгирӣ, мувофиқат ва пайдарпай.
D. Худмухторӣ, якҷоягӣ, ченаки пулӣ, бетанаффусӣ, бақайдгирӣ, фурӯш, дутарафӣ ва пайдарпай.

**14. Самтҳои асосии фаъолияти муҳосибон дар шароити иқтисоди бозорӣ:**
A. Баҳисобгирии идоравӣ ва молиявӣ.
B. Баҳисобгирии молиявӣ ва фаъолияти педагогӣ.
C. Фаъолияти аудиторӣ ва баҳисобгирӣ дар муассисаҳои буҷавӣ.
D. Баҳисобгирии идоракунӣ, молиявӣ, фаъолияти навобастаи муҳосибӣ ва педагогӣ.

**15. Кодекси ахлоқи касбии муҳосиб аз кадом меъёрҳо иборат аст?**
A. Воқеъбинӣ, новобастагӣ, соҳибихтиёрӣ ва поквиҷдонӣ.
B. Дурусткорӣ ва новобастагӣ.
C. Объективӣ ва ростӣ.
D. Соҳибихтиёрӣ ва бовиҷдонӣ.

**16. Кадом намуди баҳисобгирӣ тартибдиҳӣ ва инъикоси ҳисоботи дохилии корхоиаро инъикос менамояд?**
A. Молиявӣ.
B. Идоравӣ.
C. Фаврӣ.

D. Оморӣ.
E. Муҳосибӣ.

**17. Баҳисобгирии молиявӣ таъмин менамояд?**

A. Бақайдгирии амалиётҳои хоҷагидории корхона.
B. Бурдани баҳисобгирии ҷамъбастӣ.
C. Тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ.
D. Бақайдгирии амалиётҳои хоҷагидории корхона, бурдани баҳисобгирии ҷамъбастӣ ва тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ.

**18. Баҳисобгирии идоравӣ таъмин менамояд?**

A. Бақайдгирии амалиётҳои хоҷагидории корхона.
B. Бурдани баҳисобгирии ҷамъбастӣ.
C. Тартиб додани ҳисоботи дохилӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ.
D. Бақайдгирии амалиётҳои хоҷагидории корхона, бурдани баҳисобгирии ҷамъбастӣ ва тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ.

| Тест | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷавоб | C | D | C | B | A | C | C | A | B | D | C | B | D | D | A | B | D | C |

## МАВЗӮИ 2. ПРЕДМЕТ ВА МЕТОДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

### ❖ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО:

#### ➢ Масъалаи 1.

*Мақсади дарс*: Азхуд кардани гурӯҳбандии воситаҳои хоҷагии ташкилот аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо.

*Талаб карда мешавад:* Дар асоси нишондиҳандаҳои нақшаи 1.1 гурӯҳбандии воситаҳои хоҷагии ташкилотро дар ҷадвали 1.2 инъикос намоед.

*Нақшаи 1.1*

| № б/т | *Молу мулки ташкилот аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ ва сарчашмаҳои пайдоиш* |
|---|---|
| 1 | Воситаҳои асосӣ |
| 2 | Сармояи оинномавӣ |
| 3 | Захираҳои моддию молӣ |
| 4 | Сармояи иловагӣ |
| 5 | Сармояи захиравӣ |
| 6 | Воситаҳои пулӣ дар хазина |
| 7 | Воситаҳои пулӣ дар суратҳисоб |
| 8 | Қарзи музди меҳнат |
| 9 | Қарзҳои дебиторӣ |
| 10 | Қарзҳои кредиторӣ |
| 11 | Қарзи кӯтоҳмуддати бонкӣ |
| 12 | Қарзи дарозмуддати бонкӣ |
| 13 | Маҳсулоти тайёр |
| 14 | Дороиҳои ғайримоддӣ |
| 15 | Фоида |

**Ҳалли масъала:**

*Нақшаи 1.2*

| *Воситаҳои хоҷагӣ аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ* | *Сарчашмаҳои пайдоиши молу мулки ташкилот* |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

## ➢ Масъалаи 2

*Мақсади дарс*: Азхуд кардани гурӯҳбандии воситаҳои хоҷагии ташкилот аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо.

*Талаб карда мешавад:* Дар асоси нишондиҳандаҳои накшаи 2.1 гурӯҳбандии воситаҳои хоҷагии ташкилотро дар ҷадвали 2.2 инъикос намоед.

*Нақшаи 2.1*

| *№ б/т* | *Молу мулки ташкилот аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ ва сарчашмаҳои пайдоиш* | *Маблағ (сомонӣ)* |
|---|---|---|
| 1 | Бино | 5 000 |
| 2 | Сармояи оинномавӣ | 9 000 |
| 3 | Молҳо дар анбор | 8 000 |
| 4 | Қарзи суғурта | 9 500 |
| 5 | Қарзи фонди нафақа | 3 500 |
| 6 | Компютер | 3 500 |
| 7 | Сӯзишворӣ | 2 500 |
| 8 | Сармояи иловагӣ | 4 000 |
| 9 | Сармояи захиравӣ | 2 000 |
| 10 | Хазина | 1 000 |
| 11 | Суратҳисоб | 2 000 |
| 12 | Қарзи музди меҳнат | 1 500 |
| 13 | Қарзҳои дебиторӣ | 4 000 |
| 14 | Қарзҳои кредиторӣ | 2 500 |
| 15 | Ашёи хом ва масолеҳ | 10 000 |
| 16 | Қарзи дарозмуддати бонкӣ | 3 000 |
| 17 | Воситаҳои наклиёт | 2 000 |
| 18 | Таҷҳизот | 3 000 |
| 19 | Фоида | 6 000 |
| | ***Маблағи санҷишӣ*** | ***41 000*** |

**Ҳалли масъала:**

*Нақшаи 2.2*

| *Молу мулк аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ* | *Маблағ (сомонӣ)* | *Сарчашмаҳои пайдоиши молу мулки ташкилот* | *Маблағ (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

## ➢ Масъалаи 3.

*Мақсади дарс*: Азхуд кардани гурӯҳбандии воситаҳои хоҷагии ташкилот аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо.

*Талаб карда мешавад:* Дар асоси нишондодҳои накшаи 3.1 гурӯҳбандии воситаҳои хоҷагии ташкилотро дар накшаи 3.2 иҷро намоед.

*Накшаи 3.1*

| *№ б/т* | *Молу мулки ташкилот аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ ва сарчашмаҳои пайдоиш* | *Маблағ (сомони)* |
|---|---|---|
| 1 | Сузишворӣ | 300 |
| 2 | Қисмҳои эҳтиётӣ | 900 |
| 3 | Бино | 5 120 |
| 4 | Патент | 500 |
| 5 | Маблағгузориҳои дарозмуддати молиявӣ | 800 |

| | | |
|---|---|---|
| 6 | Масолеҳи асосӣ | 2 000 |
| 7 | Қарзи дебиторӣ | 500 |
| 8 | Қарзи кредиторӣ | 400 |
| 9 | Таҷҳизот | 13 000 |
| 10 | Маблағгузориҳои кӯтоҳмудати молиявӣ | 1 000 |
| 11 | Сармояи оинннома | 16 400 |
| 12 | Вомҳои дарозмуддат | 2 000 |
| 13 | Воситаҳои нақлиёт | 10 000 |
| 14 | Иҷозатнома | 350 |
| 15 | Маҳсулоти тайёр | 2 600 |
| 16 | Истеҳсолоти нотамом | 1 800 |
| 17 | Сармояи захиравӣ | 3 200 |
| 18 | Қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкӣ | 5 000 |
| 19 | Асбобҳои истеҳсолӣ | 1 300 |
| 20 | Нишонаи мол | 150 |
| 21 | Зарф ва масолеҳи зарфӣ | 600 |
| 22 | Хазина | 98 |
| 23 | Сармояи иловагӣ | 7 400 |
| 24 | Вомҳои кӯтоҳмуддат | 2 400 |
| 25 | Масолеҳи ёрирасон | 1 000 |
| 26 | Қарзи назди буҷет оиди андозҳо | 1 500 |
| 27 | Воситаҳои асосии сеххои ёрирасон | 2 100 |
| 28 | Суратҳисоб | 2 500 |
| 29 | Қарзи музди меҳнат | 4 600 |
| 30 | Қарзи дарозмуддати бонкӣ | 3 100 |
| 31 | Молҳо | 3 300 |
| 32 | Ҳисоби асъорӣ | 2 000 |
| 33 | Қарзи суғуртаи иҷтимоӣ | 950 |
| 34 | Фоидаи тақсимнашудаи соли ҳисоботӣ | 2 000 |
| 35 | Хароҷоти давраи оянда | 500 |
| 36 | Асбобҳои хоҷагӣ | 882 |
| 37 | Қарз дар назди ташкилотҳои вобаста | 850 |
| 38 | Пешпардохти гирифташуда | 600 |
| 39 | Хароҷотҳои ташкилӣ | 200 |
| 40 | Обурӯю нуфузи ташкилот | 100 |
| 41 | Қарзҳои назди таъминкунандагон | 2 600 |

| | | |
|---|---|---|
| 42 | Даромади давраҳои оянда | 600 |
| | ***Маблағи санҷишӣ*** | ***53 600*** |

**Ҳалли масъала:**

*Нақшаи 3.2*

| *Воситаҳои хоҷагӣ аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ* | *Маблағ (сомонӣ)* | *Сарчашмаҳои пайдоиши молу мулки ташкилот* | *Маблағ (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳои гардон** | | **Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат** | |
| Воситаҳои пулӣ, ҳамагӣ: | | | |
| аз ҷумла: | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| ЗММ, ҳамагӣ: | | | |
| аз ҷумла: | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат** | |
| **Ҳамагӣ дороиҳои гардон** | | **Ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | |
| **Дороиҳои ғайригардон** | | | |
| Воситаҳои асосӣ, | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ҳамагӣ: | | | |
| Аз ҷумла: | | | |
| | | | |
| | | **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | |
| | | **Сармояи худӣ** | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| Дороиҳои ғайримоддӣ, ҳамагӣ: | | | |
| аз ҷумла: | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| **Ҳамагӣ дороиҳои ғайригардон** | | **Ҳамагӣ сармояи худӣ** | |
| ҶАМЪ: | | ҶАМЪ: | |

## ✚ *ТЕСТҲОИ САНҶИШӢ:*

**1. Объекти баҳисобгирии муҳосибӣ чист?**

А. Фаъолияти хоҷагии корхона ва зерсохторҳои он.

В. Захираҳои иқтисодӣ, гурӯҳбандӣ аз рӯи намуд ва қисмҳо.

C. Амалиётҳои хоҷагӣ ва натиҷаҳои онҳо: таъминот, истеҳсолот, фурӯш ва натиҷаҳои молиявӣ.
D. Амволи корхона, ӯҳдадориҳои он ва амалиётҳои хоҷагии дар ҷараёни фаъолияти он баамаломада.

**2. Фанни баҳисобгирии муҳосибӣ чист?**

A. Фаъолияти хоҷагии корхона.
B. Амволи корхона ва сарчашмаҳои пайдоиши он.
C. Низоми ахборотии батартибдаровардашуда, ки арзиши амволро аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ ва сарчашмаи пайдоиши онро инъикос менамояд, амалиётҳои хоҷагӣ ва натиҷаи фаъолияти корхона дар шакли пулӣ бо мақсади иҷроиши нақшаҳо (вазифаҳои) пешбинишуда.
D. Хароҷотҳои истеҳсолӣ ва фурӯши маҳсулот.

**3. Амволи (молу мулки) корхона аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавиашон чӣ тарз гурӯҳбандӣ карда мешаванд?**

A. Дороиҳои гардон ва ғайригардон.
B. Дороиҳои гайримоддӣ, воситаҳои гардон ва асбобҳои камарзишу тезфарсудашаванда.
C. Асосӣ, гардон, воситаҳои пулии ҷалбкардашуда, активҳои ғайримоддӣ ва молиявӣ; АКТ ва воситаҳои дар ҳисоббаробаркунӣ буда.
D. Воситаҳои гардишии ҷалбкардашуда ва активҳои молиявӣ.

**4. Мавҷудият ва таркиби амвол, сарчашмаҳои пайдоиш ва истифодабарии онҳо, ин:**

A. Предмети баҳисобгирии муҳосибӣ.
B. Методи баҳисобгирии муҳосибӣ.
C. Амалиётҳои хоҷагӣ.
D. Дороиҳои ташкилот.

**5. Маҷмӯи усулҳо ва қоидаҳое, ки бо ёрии он ҳаракати воситаҳои хоҷагидорӣ инъикос меёбад, ин:**

A. Объекти баҳисобгирии муҳосибӣ.
B. Предмети баҳисобгирии муҳосибӣ.
C. Методи баҳисобгирии муҳосибӣ.



КИТОБХОНАИ
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета Таджикистана
ИНВ. №

D. Амалиётҳои хоҷагӣ.

**6. Тартиби тафтиши мутобиқати мавҷудияти ҳақиқӣ бо нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ин:**

A. Ҳуҷҷатноккунӣ.
B. Барӯйхатгирӣ.
C. Калкулятсия.
D. Баҳодиҳӣ.

**7. Тартиби инъикоси амвол ва ӯҳдадорнҳои ташкилот бо шакли пулӣ, ин:**

A. Барӯйхатгирӣ.
B. Ҳуҷҷатноккунӣ.
C. Баҳодиҳӣ.
D. Калкулятсия.

**8. Низоми ягонаи ахборот оиди ҳолати молиявии ташкилот дар давараи муайян, ин:**

A. Низоми ҳисобҳо.
B. Сабти дутарафа.
C. Ҳисоботи муҳосибӣ.
D. Ҳуҷҷатноккунӣ.

**9. Воситаҳое, ки шакли моддӣ надошта, барои соҳибмулкони он даромад меоранд:**

A. Воситаҳои асосӣ.
B. Дороиҳои ғайримоддӣ.
C. Воситаҳои пулӣ.
D. Захираҳои моддию молӣ.

**10. Воситаҳое, ки дар як давраи истеҳсолӣ иштирок намуда, арзиши худро пурра ба маҳсулоти нав мегузаронанд:**

A. Дороиҳои ғайригардон.
B. Дороиҳои гардон.
C. Воситаҳои пулӣ.
D. Воситаҳои асосӣ.

**11. Қарздории ташкилотҳои гуногун ва шахсони алоҳ**
**дар назди ташкилоти мо:**

A. Қарзи кредиторӣ.
B. Қарзи дебиторӣ.
C. Қарзи бонкӣ.
D. Қарзи молиявӣ.

**12. Воситаҳои хоҷагӣ аз рӯи сарчашмаи пайдоиш ва**
**максади истифодабарӣ тақсим мешаванд, ба:**

A. Дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат.
B. Худӣ ва қарзӣ.
C. Гардон ва ғайригардон.
D. Асосӣ ва ёрирасон.

**13. Кадом намуди сармоя аз ҳисоби ҳиссагузории муасс**
**дар вақти таъсисёбии корхона ташкил карда мешава**

A. Сармояи оинномавӣ.
B. Сармояи захиравӣ.
C. Сармояи иловагӣ.
D. Сармояи гардишӣ.

**14. Кадом қарзҳо ва вомҳо дар давоми соли ҳисобот**
**бояд пардохт карда шаванд?**

A. Дарозмуддат.
B. Кӯтоҳмуддат.
C. Миёнамӯҳлат.
D. Даврагӣ.

**15. Дар ҳолати қарздор будани ташкилот аз дигар**
**корхонаву муассисаҳо ва шахсони алоҳида, ин қарз**

A. Дебиторӣ.
B. Кредиторӣ.
C. Молиявӣ.

**16. Ба ҳайати воситаҳои асосӣ чиҳо дохил мешаванд?**

A. Воситаҳои меҳнат, ки барои истеҳсоли маҳсулот равона шудаанд (хизмат мерасонанд).

B. Биноҳо, иншоотҳо, мошину таҷҳизотҳои корӣ ва асосӣ, воситаҳои нақлиёт, асбобҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ, ки аз як сол зиёд хизмат мекунанд.

C. Дороиҳое, ки новобаста аз арзишашон аз як сол зиёд хизмат мерасонанд.

D. Дороиҳои моддие мебошанд, ки барои истифодабарӣ, хизматрасонӣ, ба иҷора додан ва дигар мақсадҳои идоракунӣ пешбинӣ шудаанд.

**17. Ба ҳайати АКТ чиҳо дохил мешаванд?**

A. Дороиҳое, ки давраи хизматашон аз як сол зиёд аст.

B. Дороиҳое, ки то 800 сомонӣ арзиш доранд.

C. Преметҳое, ки новобаста аз арзишашон давраи хизматашон то як сол аст.

D. Дороиҳое, ки новобаста аз арзишашон давраи хизматашон аз як сол зиёд аст.

**18. Маҳсулоти тайёр ва молҳои барои аз нав фурӯхтан пешбинишуда ба кадом гурӯҳи амвол дохил карда мешаванд?**

A. Ба дороиҳои гардон.

B. Ба дороиҳои ғайримоддӣ.

C. Ба воситаҳои асосӣ.

D. Ба дороиҳои ғайригардон.

**19. Амволи корхона аз рӯи сарчашмаҳои найдоиш чӣ тарз гурӯҳбандӣ карда мешаванд?**

A. Худӣ ва қарзӣ.

B. Сармоя ва захираҳо, ӯҳдадориҳои қарзӣ.

C. Ӯҳдадориҳо аз рӯи ҳисоббаробаркуниҳо, вомҳо ва қарзҳои бонкӣ.

D. Фондҳо, захираҳо, фоида, маблағгузории мақсаднок ва дохилшавиҳо.

**20. Ба сарчашмаҳо кадом объекти баҳисобгирии муҳосибӣ дохил мешавад?**

A. Қарзи дебиторӣ.
B. Ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон аз рӯи молҳои борқардашуда.
C. Қарзи фонди нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ.
D. Истеҳсолоти нотамом.

**21. Ба сарчашмаҳои худии амвол чиҳо дохил мешаванд?**

A. Сармояи оинномавӣ, фондҳо, захираҳо, фоидаи тақсимнашуда, маблағгузориҳои мақсаднок ва гирифтани воситаҳо ҳамчун тӯҳфа (бебозгашт).
B. Сармояи оинномавӣ, иловагӣ ва захиравӣ.
C. Фондҳои захиравӣ ва иҷтимоӣ, сармояи оинномавӣ.
D. Фоидаи тақсимнашуда, сармояи иловагӣ ва фонди андӯхт.

**22. Ба сарчашмаҳои ҷалбкардашуда дохил мешаванд?**

A. Қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати бонкӣ.
B. Ӯҳдадориҳои дарозмуддати корхона.
C. Қарзҳои бонкӣ, вомҳо ва қарзу ӯҳдадориҳои кредиторӣ.
D. Ӯҳдадориҳои корхона аз рӯи ҳисоббаробаркуниҳо.

**23. Кадом ҷараёнҳои хоҷагӣ объекти баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб мераванд?**

A. Таъминот ва бор кардани маҳсулот.
B. Таъминот ва фурӯши маҳсулот.
C. Таъминот, истеҳсолот, фурӯш ва натиҷаҳои молиявӣ.
D. Фурӯши маҳсулот ва натиҷаҳои молиявӣ.

**24. Методи (усули) баҳисобгирии муҳосибиро пурратар тавсиф диҳед.**

A. Ин ҷамъи намуд ва тарзи дуруст бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.
B. Ин ҷамъбасти тавозунии амвол, ӯҳдадориҳо ва амалиётҳои хоҷагӣ аст.
C. Ин тарзи фаҳмиши дороӣ аст.

D. Ин маҷмӯи тарзҳои ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ ба воситаи ҳисобҳо, ҳуҷҷатноккунӣ, барӯйхатгирӣ, тавозун, баҳодиҳӣ, калкулятсия, низоми ҳисобҳо ва сабти дутарафа ва ҳисоботи корхона.

**25. Кадом элементҳои усули баҳисобгирии муҳосибӣ барои як қатор илмҳои иктисодӣ умумиаид?**

A. Тавозун, навишти дутарафа.
B. Баҳодиҳӣ, тавозун, низоми ҳисобҳо.
C. Баҳодиҳӣ, тавозун, калкулятсия, барӯйхатгирӣ.
D. Ҳуҷҷатноккунӣ, барӯйхатгирӣ.

| Тест | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷавоб | D | C | A | A | C | B | C | C | B | B | B | B | A | B | B | B,D | C | A |
| Тест | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | | | | | | | | | | | |
| Ҷавоб | A | C | A | C | C | D | D | | | | | | | | | | | |

## МАВЗӮИ 3. ТАВОЗУНИ ҲИСОБДОРӢ

### ❖ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО:

#### ➢ Масъалаи 4

*Мақсади дарс*: Тартиб додани тавозуни ҳисобдорӣ дар аввали соли ҳисоботӣ.

*Талаб карда мешавад:* Дар асоси нишондодҳои нақшаи 4.1 тавозуни ҳисобдории корхонаро дар аввали соли ҳисоботӣ дар нақшаи 4.2 тартиб диҳед:

Нақшаи 4.1

| № б/т | *Амволи корхона ва ӯҳдадориҳои он* | *Дар аввали сол (сомонӣ)* |
|---|---|---|
| 1. | Сармояи оинномавӣ | 6 000 |
| 2. | Воситаҳои пулӣ дар хазина | 100 |
| 3. | Қарзи харидорон | 4 000 |
| 4. | Масолеҳи асосӣ | 1 800 |
| 5. | Қарзи суғуртаи иҷтимоӣ | 1 500 |
| 6. | Сӯзишворӣ | 2 600 |
| 7. | Истеҳсолоти нотамом | 1 200 |
| 8. | Воситаҳои асосӣ | 2 800 |

| | | |
|---|---|---|
| 9. | Масолеҳи ёрирасон | 800 |
| 10. | Фоидаи тақсимнашуда | 1 000 |
| 11. | Воситаҳои пулӣ дар бонк | 1 400 |
| 12. | Қарзҳои таъминкунандагон | 2 500 |
| 13. | Қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкӣ | 1 600 |
| 14. | Маҳсулоти тайёр | 2 100 |
| 15. | Вомҳои дарозмуддат | 3 400 |
| 16. | Молҳо дар анбор | 2 300 |
| 17. | Асбобҳои хоҷагӣ | 900 |
| 18. | Қарзи буҷет аз рӯи андозҳо | 1 100 |
| 19. | Сармояи иловагӣ | 1 900 |
| 20. | Сармояи захиравӣ | 1 000 |
| | ***Маблағи санҷишӣ*** | ***20 000*** |

## Ҳалли масъала:

Нақшаи 4.2

| *Дороиҳо* | *Дар аввали сол (сомонӣ)* | *Ӯҳдадориҳо* | *Дар аввали сол (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|
| ***I.А. Дороиҳои гардон*** | | ***II.А.Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат*** | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои*** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ***кӯтоҳмуддат:*** | |
| | | ***II.Б.. Ӯҳдадо-риҳои дарозмуддат*** | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| ***Ҳамагӣ дороиҳои гардон*** | | | |
| ***I.Б.Дороиҳои ғайригардон:*** | | | |
| | | | |
| | | ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои дарозмуддат:*** | |
| | | ***III.Сармояи худӣ*** | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| ***Ҳамагӣ дороиҳои ғайригардон:*** | | ***Ҳамагӣ сармояи худӣ*** | |
| ***Ҳамагӣ дороиҳо*** | | ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо*** | |

## ➢ Масъалаи 5

*Мақсади дарс*: Тартиб додани тавозуни ҳисобдорӣ дар аввал ва охири соли ҳисоботӣ.

*Талаб карда мешавад:* Дар асоси нишондодҳои нақшаи 5.1 тавозуни ҳисобдории корхонаро дар аввал ва охири соли ҳисоботӣ тартиб диҳед (нақшаи 5.2):

Нақшаи 5.1

| *№ б/т* | *Воситаҳои хоҷагии корхона ва сарчашмаҳои онҳо* | *Дар аввали сол (сомонӣ)* | *Дар охири сол (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|
| 1. | Сармояи оинномавӣ | 6800 | 68000 |
| 2. | Воситаҳои пулӣ дар хазина | 1 | 10 |
| 3. | Қарзи харидорон | 417 | 4170 |
| 4. | Қарзи дигар дебиторон | 203 | 2030 |
| 5. | Масолеҳи ёрирасон | 62 | 620 |
| 6. | Сӯзишворӣ | 75 | 750 |
| 7. | Қарзи фонди таъминоти иҷтимоӣ | 48 | 480 |
| 8. | Қарзи музди меҳнат | 234 | 2340 |
| 9. | Истеҳсолоти нотамом | 202 | 2020 |
| 10. | Воситаҳои асосӣ | 6000 | 60000 |
| 11. | Масолеҳи асосӣ | 300 | 3000 |
| 12. | Фоидаи тақсимнашуда | 120 | 1200 |
| 13. | Воситаҳои пулӣ дар бонк | 140 | 1400 |
| 14. | Қарзи таъминкунандагон | 132 | 1320 |
| 15. | Қарзи кӯтоҳмуддати бонкӣ | 100 | 1000 |
| 16. | Маҳсулоти тайёр | 410 | 4100 |
| 17. | Вомҳои дарозмуддат | 450 | 4500 |
| 18. | Молҳои боркардашуда | 250 | 2500 |
| 19. | Нимтайёрҳои истеҳсоли худӣ | 282 | 2820 |
| 20. | Асбобҳои хоҷагӣ | 73 | 730 |
| 21. | Андоз барои пардохт | 46 | 460 |
| 22. | Сармояи иловагӣ | 80 | 800 |
| 23. | Сармояи захиравӣ | 215 | 2150 |
| 24. | Маблағгузориҳои мақсаднок | 140 | 1400 |
| 25. | Даромади давраҳои оянда | 50 | 500 |
|  | **Маблағи санҷишӣ** | **8415** | **84150** |

## Ҳалли масъала:

Нақшаи 5.2

| *Дороиҳо* | *Дар аввали сол (сомонӣ)* | *Дар охири сол (сомонӣ)* | *Уҳдадориҳо* | *Дар аввали сол (сомонӣ)* | *Дар охири сол (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|---|---|
| **I. А. Дороиҳои гардон** | | | **II.А. Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат** | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат:** | | |
| | | | **II.Б. Ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| **Ҳамагӣ дороиҳои гардон** | | | | | |
| **I.Б.Дороиҳои ғайригардон:** | | | | | |
| | | | | | |
| | | | **Ҳамагӣ** | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | ӯҳдадориҳои дарозмуддат: | | |
| | | | **III. Сармояи худӣ** | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| **Ҳамагӣ дороиҳои ғайригардон:** | | | **Ҳамагӣ сармояи худӣ** | | |
| ҶАМЪ | | | ҶАМЪ | | |

➢ **Масъалаи 6**

*Мақсади дарс*: Азхуд кардани шаклҳои тагирёбии тавозуни ҳисобдорӣ бо таъсири амалиётҳои хоҷагидорӣ.

*Талаб карда мешавад:* 1. Дар асоси нишондодҳои нақшаи 6.1 тавозуни корхонаро дар аввали соли ҳисоботӣ (нақшаи 6.2) тартиб диҳед:

Нақшаи 6.1

| *№ б/т* | *Воситаҳои хоҷагии корхона ва сарчашмаҳои онҳо* | *Маблағ (сомонӣ)* |
|---|---|---|
| 1. | Воситаҳои асосӣ | 7800 |
| 2. | Қарзи кӯтоҳмуддати бонкӣ | 2500 |
| 3. | Сармояи оинномa | 10000 |
| 4. | Воситаҳои пулӣ дар бонк | 1800 |
| 5. | Қарзи музди меҳнат | 850 |
| 6. | Маҳсулоти тайёр | 1500 |
| 7. | Воситаҳои пулӣ дар хазина | 700 |
| 8. | Сармояи иловагӣ | 1400 |
| 9. | Масолеҳ | 2800 |

| | | |
|---|---|---|
| 10. | Қарзи таъминкунандагон | 1200 |
| 11. | Истеҳсолоти нотамом | 1500 |
| 12. | Фоидаи тақсимнашуда | 2050 |
| 13. | Қарзи харидорон | 1900 |
| | **Маблағи санҷишӣ** | **18000** |

Тавозуни ҳисобдорӣ

Нақшаи 6.2

| *Дороиҳо* | *Дар аввали сол (сомонӣ* | *Ӯҳдадориҳо* | *Дар аввали сол (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|
| **I.A. Дороиҳои гардон:** | | **II.A.Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат** | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат:** | |
| | | **II.Б. Ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | |
| | | | |
| **Ҳамагӣ дороиҳои гардон** | | | |
| **I.Б. Дороиҳои ғайригардон:** | | | |
| | | | |
| | | **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои дарозмуддат:** | |
| | | **III. Сармояи** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **худӣ** | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| **Ҳамагӣ дороиҳои ғайригардон:** | | **Ҳамагӣ сармояи худӣ** | |
| ҶАМЪ | | ҶАМЪ | |

2. Мувофиқи амалиётҳои гузаронидашуда (нақшаи 6.3), алоқамандии ҳисобҳоро муайян намоед ва тағирёбии тавозунро дар нақшаи 6.4. инъикос намоед.

*Журнали бақайдгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ*

Нақшаи 6.3

| *№ амалиёт* | *Мазмуни амалиёт* | *Маблағ (сомонӣ)* | *Алоқамандии ҳисобҳо* | |
|---|---|---|---|---|
| | | | *Дебет* | *Кредит* |
| 1 | Аз таъминкунандагон масолеҳ дохил шуд | 1 500 | | |
| 2 | Аз сураҳисоб ба таъминкунандагон барои масолеҳи дохилшуда маблағ пардохта шуд | 1 200 | | |
| 3 | Аз анбор ба истеҳсолот масолеҳ дода шуд | 3 000 | | |
| 4 | Аз хазина барои Сафаров маблағи сафари хизматӣ дода шуд | 500 | | |
| 5 | Қарзи кӯтоҳмуддати бонкӣ гирифта шуд | 3 500 | | |
| 6 | Аз суратҳисоб ба хазина барои додани музди меҳнат маблағ дохил шуд | 850 | | |
| 7 | Аз хазина музди меҳнати коргарон пардохта шуд | 850 | | |
| 8 | Аз истеҳсолот ба анбор маҳ- | 4 000 | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | сулоти тайёр дохил шуд | | | |
| 9 | Ба харидорон маҳсулоти тайёр фурӯхта шуд | 2 000 | | |
| 10 | Маблағи маҳсулоти фурӯхташуда ба суратҳисоб дохил шуд | 3 900 | | |
| 11 | Қисми қарзи кӯтоҳмуддати банк баргардонида шуд | 2 500 | | |
| 12 | Аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда, сармояи захиравӣ ташкил карда шуд | 1000 | | |

Шакли тағирёбии тавозун бо таъсири амалиётҳои хоҷагидорӣ

Нақшаи 6.4

| *№ амалиёт* | *Тағирёбии тавозуни муҳосибӣ* | | | | *Шакли тағирёбӣ* |
|---|---|---|---|---|---|
| | *Дороиҳо* | | *Ӯҳдадориҳо* | | |
| *1.* | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |
| 6. | | | | | |
| 7. | | | | | |
| 8. | | | | | |
| 9. | | | | | |
| 10. | | | | | |
| 11. | | | | | |
| 12. | | | | | |

## ТЕСТҲОИ САНҶИШӢ:

**1. Намудҳои амалкунандаи тавозуни ҳисобдорӣ кадомҳоянд?**

A. Ибтидоӣ (аввала), моҳона, семоҳа (кварталӣ), солона.

B. Солона, ибтидоӣ, тақсимкунӣ.

C. Даврагӣ, маҷмӯӣ, барҳамдиҳӣ.

D. Даврагӣ, солона, дохилкунӣ, тақсимкунӣ (ҷудокунӣ), барҳамдиҳӣ, ҷамъбастӣ.

**2. Тавозуни ҳисобдориро тавсиф диҳед:**

A. Ин ҷамъбасти маҷмӯи нишондиҳандаҳо, ки ҳайати амволи (молу мулки) корхонаро дар шакли пулӣ инъикос менамоянд.

B. Ин усули тавозунии инъикоси ахборот дар давраи ҳисоботӣ мебошад.

C. Ин ҷамъбасти захираҳои корхона (дороиҳои он) ва ӯҳдадориҳо дар давраи муайяншуда мебошад.

D. Ин шакли иқтисодии гурӯҳбандӣ ва ҷамъбастии амвол аз рӯи ҳайат ва ҷойгиршавӣ ва сарчашмаҳои пайдоиши он дар шакли пулӣ ва дар санаи муайян тартибдодашуда.

**3. Тавозуни ҳисобдорӣ ин ҳуҷҷати:**

A. Баҳисобгирӣ.
B. Ҳисоботӣ
C. Ояндабинӣ.
D. Ибтидоӣ.

**4. Қисми чапи тавозуни ҳисобдорӣ чӣ ном дорад?**

A. Дебет.
B. Кредит.
C. Дороиҳо.
D. Ӯҳдадориҳо.

**5. Қисми рости тавозуни ҳисобдорӣ чӣ ном дорад?**

A. Дороиҳо.
B. Дебет.
C. Кредит.
D. Ӯҳдадориҳо.

**6. Ҷамъи дороиҳои тавозуни ҳисобдорӣ бояд:**

A. Аз ҷамъи ӯҳдадориҳо кам бошад.
B. Аз ҷамъи ӯҳдадориҳо зиёд бошад.
C. Баробари ҷамъи ӯҳдадориҳо бошад.
D. Ба ҷамъи ӯҳдадориҳо баробар набошад.

**7. Тавозуни ҳисобдорӣ инъикос менамояд:**

A. Ҳолати воситаҳои хоҷагӣ ва сарчашмаҳои онро дар санаи муайян.
B. Пайдарпаии иҷрои амалиётҳои хоҷагидорӣ дар давраи ҳисоботӣ.
C. Ҳайати микдори воситаҳои ташкилот.
D. Ҳайати сифатии сарчашмаҳои амволи ташкилот.

**8. Ба дороиҳои ғайригардон дохил мешаванд:**

A. Сармояи оинномавӣ.
B. Воситаҳои пулӣ дар хазина.
C. Воситаҳои пулӣ дар бонк.
D. Дороиҳои ғайримоддӣ.

**9. Ба дороиҳои ғайриғардон дохил мешаванд:**

A. Фоидаи тақсимнашуда.
B. Захираҳои моддию молӣ.
C. Воситаҳои асосӣ.
D. Сармояи захиравӣ.

**10. Ба дороиҳои гардон дохил мешаванд:**

A. Захираҳои моддию молӣ.
B. Фоидаи тақсимнашуда.
C. Сармояи захиравӣ.
D. Воситаҳои асосӣ.

**11. Ба дороиҳои гардон дохил мешаванд:**

A. Сармояи оинномавӣ.
B. Воситаҳои пулӣ дар хазина.
C. Сармояи иловагӣ.
D. Дороиҳои ғайримоддӣ.

**12. Ба ӯҳдадориҳои худӣ дохил мешаванд:**

A. Сармояи оинномавӣ.
B. Музди меҳнат барои пардохт.
C. Воситаҳои асосӣ.
D. Андоз барои пардохт.

**13. Ба ӯҳдадориҳои қарзӣ дохил мешаванд:**

A. Сармояи захиравӣ.
B. Қарзҳои бонкӣ ва вомҳо.
C. Воситаҳои асосӣ.
D. Дороиҳои гайримоддӣ

**14. Вобаста ба вақти тартибдиҳӣ тавозуни ҳисобдорӣ, мешавад:**

A. Ибтидоӣ.
B. Гардишӣ.
C. Бақиявӣ.
D. Ҷамъбастӣ.

**15. Аз рӯи ҳаҷми ахборот тавозуни ҳисобдорӣ тақсим мешавад, ба:**

A. Якҷоя.
B. Алоҳида.
C. Тавозуни соф (нетто)
D. Ҷамъбастӣ.

**16. Муайян кунед, ки кадоме аз ин бобҳо ва ғурӯҳҳо ба ҳайати ӯҳдадориҳои тавозуни ҳисобдорӣ дохил мешаванд.**

A. Дороиҳои ғайригардон, воситаҳои асосӣ.
B. Воситаҳои пулӣ, маблағгузориҳои кӯтоҳмуддати молиявӣ.
C. Ӯҳдадориҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат.
D. Захираҳо, хароҷотҳо, андоз аз арзиши иловашуда аз рӯи молу масолеҳи қимматноки харидашуда.

**17. Дар кадом боби тавозуни ҳисобдорӣ маблағи дороиҳои гардон нишон дода мешаванд?**

A. Боби I.A.
B. Боби II.A.
C. Боби III
D. Боби I.Б

**18. Дар кадом қисми тавозуни ҳисобдорӣ қарзҳои кредитории таъминкунандагон ва муассисаҳои молиявӣ нишон дода мешавад?**

A. Дар боби I.A. дороиҳо.
B. Дар боби II. A. ӯҳдадориҳо.
C. Дар боби I.Б. дороиҳо.
D. Дар боби III сармояи худӣ.

**19. Дар кадом боби тавозуни ҳисобдорӣ қарзҳои дебиторӣ нишон дода мешаванд?**

A. Дар боби I.A. дороиҳои тавозун.
B. Дар боби II.Б. ӯҳдадориҳои тавозун.
C. Дар боби I.Б. дороиҳои тавозун.
D. Дар боби III ӯҳдадориҳои тавозун.

**20. Тавозуни ибтидоӣ бо кадом мақсад тартиб дода мешавад?**

A. Барои ҷамъбасткунӣ дар охири сол.
B. Дар ҳолати сохтан ё азнавсозии корхонаи пештар амалкунанда.
C. Дар ҳолати барҳамдиҳии корхонаи амалкунанда.
D. Барои банақшагирии фаъолияти молиявию хоҷагии корхона.

**21. Тавозуни ҳисобдорӣ аз чанд боб иборат аст?**

A. Чор боб.
B. Ду боби дороиҳо ва се боби ӯҳдадориҳо.
C. Панҷ боб.
D. Се боби дороиҳо.

**22. Кадом баробариҳо барои тавозуни ҳисобдорӣ ҳатмианд?**

A. Баробарии ҷамъи боби I.Б. дороиҳо ва боби II.Б. ӯҳдадориҳо.
B. Баробарии ҷамъи боби I.A. дороиҳо ва боби III ӯҳдадориҳо.
C. Баробарии ҷамъи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои тавозун (арзи тавозун).

D. Баробарии ҷамъи боби I.Б дороиҳо ва боби II.Б. ӯҳдадориҳои тавозун.

**23. Тавозуне, ки дар он моддаҳои «Истеҳлоки воситаҳои асосӣ», «Фарсудашавии асбобҳои камарзишу тезфарсудашаванда», «Истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ» вуҷуд надоранд, кадом намуди тавозун аст?**

A. Тавозуни аввала (ибтидоӣ).
B. Тавозуни брутто.
C. Тавозуни ҷамъбастӣ (хулосавӣ).
D. Тавозуни нетто (соф).

**24. Тавозуни барҳамдиҳӣ дар кадом ҳолат тартиб дода мешавад?**

A. Агар корхона ба муфлисшавӣ наздик бошад.
B. Дар ҳолати тақсим шудани як корхона ба якчанд корхонаҳои мустақил.
C. Дар аввали давраи тақсимшавии корхона.
D. Барои ҷамъбасткунии соли ҳисоботӣ.

**25. Моддаҳои тавозуни ҳисобдорӣ чи хел гӯруҳбандӣ карда мешаванд?**

A. Захираҳо, активҳо, уҳдадориҳо.
B. Дороиҳои гардон, ғайригардон, ӯҳдадориҳои ҷорӣ, дарозмуддат ва сармояи худӣ.
C. Предметҳое, ки вобаста аз арзишашон аз 1 сол зиёд хизмат мерасонанд.
D. Амалиётҳои хоҷагӣ ва натиҷаҳои онҳо: таъминот, истеҳсолот, фурӯш.

**26. Бо таъсири амалиётҳои хоҷагӣ чанд шакли тағирёбӣ дар тавозуни ҳисобдорӣ вуҷуд дорад?**

A. 3.
B. 4
C. 7
D. 10.

**27. Шакли якуми тағйирёбии тавозуни ҳисобдорӣ дар натиҷаи таъсири амалиёти хоҷагидориро муайян намоед?**

A. Дар тарафи ӯҳдадориҳо бо маблағи муайян зиёд мешавад.

B. Дар ҳарду тарафи тавозун бо маблағи баробар, маблағи умумии тавозун кам мешавад.

C. Ба моддаҳои тарафи дороиҳо таъсир расонида, дар натиҷа як модда зиёд шуда дигараш кам мешавад, маблағи умумии тавозуни ҳисобдорӣ тағйир намеёбад.

D. Дар ҳарду тарафи тавозун бо маблағи баробар маблағи умумии тавозун зиёд мешавад.

**28. Шакли дуюми тағйирёбии тавозуни ҳисобдорӣ дар натиҷаи таъсири амалиёти хоҷагидориро муайян намоед?**

A. Дар қисми ӯҳдадориҳо бо маблағи муайян зиёд мешавад.

B. Ба моддаҳои қисми ӯҳдадориҳо таъсир расонида, дар натиҷа як модда зиёд шуда дигараш кам мешавад, маблағи умумии тавозуни ҳисобдорӣ тағйир намёбад.

C. Дар ҳарду тарафи тавозун бо маблағи баробар маблағи умумии тавозун кам мешавад.

D. Дар ҳарду тарафи тавозун бо маблағи баробар маблағи умумии тавозун кам мешавад.

**29. Шакли сеюми тағйирёбии тавозуни ҳисобдорӣ дар натиҷаи таъсири амалиёти хоҷагидориро муайян намоед?**

A. Ба моддаҳои қисми ӯҳдадориҳо таъсир расонида, дар натиҷа як модда зиёд шуда дигараш кам мешавад, маблағи умумии тавозуни ҳисобдорӣ тағйир намеёбад.

B. Ба моддаҳои қисми дороиҳо таъсир расонида, дар натиҷа як модда зиёд шуда дигараш кам мешавад, маблағи умумии тавозуни ҳисобдорӣ тағйир намеёбад

C. Ба моддаҳои қисми дороиҳо ва ӯҳдадориҳо таъсир расонида, дар натиҷа ҳарду модда зиёд мешавад,

маблағи умумии тавозуни ҳисобдорӣ зиёд мешавад, вале баробарии тавозун бетағир мемонад.

D. Дар ҳарду тарафи тавозун бо маблағи баробар маблағи умумии тавозун кам мешавад.

**30. Шакли чоруми тағйирёбии тавозуни ҳисобдорӣ дар натиҷаи таъсири амалиёти хоҷагидориро муайян намоед?**

A. Ба моддаҳои қисми дороиҳо ва ӯҳдадориҳо таъсир расонида, дар натиҷа ҳарду модда кам мешаванд, маблағи умумии тавозуни ҳисобдорӣ кам мешавад, вале баробарии тавозун бетағир мемонад.

B. Дар ҳарду тарафи тавозун бо маблағи баробар маблағи умумии тавозун зиёд мешавад.

C. Ба моддаҳои қисми ӯҳдадориҳо таъсир расонида, дар натиҷа як модда зиёд шуда дигараш кам мешавад, маблағи умумии тавозуни ҳисобдорӣ тағйир намеёбад.

D. Ба моддаҳои қисми дороиҳо таъсир расонида, дар натиҷа як модда зиёд шуда дигараш кам мешавад, маблағи умумии тавозуни ҳисобдорӣ тағйир намеёбад

**31. Формулаи баробарии тавозунӣ чӣ тавр ифода карда мешавад?**

A. Ӯҳдадориҳо=Дороиҳо+Сармояи худӣ.

B. Дороиҳо = Ӯҳдадориҳо + Сармояи худӣ.

C. Дороиҳо + Ӯҳдадориҳо = Сармояи худӣ.

D. Ӯҳдадориҳо – Дороиҳо = Сармояи худӣ.

**32. Сармояи худӣ баробар аст:**

A. Сармояи худӣ =Дороиҳо+ Ӯҳдадориҳо

B. Сармояи худӣ = Дороиҳо – Ӯҳдадориҳо

C. Дороиҳо + Ӯҳдадориҳо = Сармояи худӣ.

D. Ӯҳдадориҳо – Дороиҳо = Сармояи худӣ.

**33. Амалиёти хоҷагии «Дохилкунии воситаҳои асосии ҳисобнашуда, ки дар рафти барӯйхатгирӣ муайян шудаанд»**

**ба кадом шакли тағирёбии тавозуни ҳисобдорӣ дохил мешавад?**

A. Ба шакли якум.
B. Ба дуюм шакл.
C. Ба чорум шакл.
D. Ба шакли сеюм.

**34. Амалиёти хоҷагии «Дохилкунии молҳо дар вақти аз ҳисоб баровардани ДКТ-и корношоям ба кадом шакли тагирёбии тавозун дар натиҷаи таъсири амалиётҳои хоҷагӣ дохил мешавад?**

A. Ба шакли дуюм.
B. Ба шакли якум.
C. Ба шакли сеюм.
D. Ба шакли чорум.

**35. Амалиёти хоҷагии «Аз хазина додани музди меҳнат ба коркунони корхона» ба кадом шакли тагирёбии тавозун дар натиҷаи таъсири амалиётҳои хоҷагӣ дохил мешавад?**

A. Ба шакли якум.
B. Ба шакли дуюм.
C. Ба шакли сеюм.
D. Ба шакли чорум.

**36. Амалиёти хоҷагии «Ҳисобкуиии рухсатӣ аз ҳисоби захираи нардохти рухсатиҳо» ба кадом шакли тагирёбии тавозун дар натиҷаи таъсири амалиётҳои хоҷагӣ дохил мешавад?**

A. Ба шакли якум.
B. Ба шакли дуюм.
C. Ба шакли сеюм.
D. Ба шакли чорум.

| Тест | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷавоб | D | D | B | C | D | C | A | D | C | A | B | A | B | A | C,D | C | A | B |
| Тест | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 |
| Ҷавоб | A | B | B,C | C | D | B | B | B | C | B | C | A | B | B | D | B | D | B |

# МАВЗӮИ 4. НИЗОМИ ҲИСОБҲО ВА САБТИ ДУТАРАФА.

## ❖ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО:

### ➢ Масъалаи 7

*Мақсади дарс*: Азхуд кардани инъикоси амалиётҳои хоҷагӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ

*Талаб карда мешавад:* Дар асоси нишондодҳои нақшаи 7.1:

- ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибиро кушоед;
**20. Барои гардиши ҳуҷҷатҳо ҷавобгар аст:**

A. Менеджери ташкилот,
B. Сармуҳосиби ташкилот
C. Мудири шӯъбаи кадрҳо
D. Роҳбари ташкилот.

**21. Дар ордери хароҷоти хазинавӣ маблағ бо ҳарф нодуруст навишта шудааст. Дар ин ҳолат чӣ бояд кард?**

A. Навишти хаторо мувофиқи усули ислоҳи хатогиҳо дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ислоҳ бояд кард
B. Ҳуҷҷати нав тартиб додан лозим аст.
C. Бо штрих ислоҳ кардан лозим аст.
D. Бо хаткӯркунак тоза карда аз нав дуруст навиштан лозим аст.

**22. Тафтиши ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар чӣ ифода меёбад?**

A. Ифодаи нишондиҳандаҳои аслӣ дар шакли пулӣ.
B. Ҳисобу китоби ҷамъбастии маблағҳои риёзӣ.

C. Нишон додани алоқамандии ҳисобҳо.
D. Назорат оиди дуруст пур кардани нишондиҳандаҳои асосӣ.

**23. Баҳодиҳии ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ чӣ маъно дорад?**
A. Ҳисобу китоби ҷамбастҳо.
B. Аниқ кардани ҳисобҳои муҳосибӣ, ки навиштаҷоти муҳосибӣ доранд.
C. Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои аслӣ дар шакли пулӣ ва ҷамъбасти маблағҳо.
D. Нишон додани алоқамандии ҳисобҳо.

**24. Гардиши ҳуҷҷатҳо чист?**
A. Ин нишондод оиди пур кардани ҳуҷҷатҳо, ки дар корхона истифода мешавад.
B. Ин нақшаест, ки дар он ҳуҷҷатҳо тавсиф карда шудаанд.
C. Ин роҳест, ки ҳуҷҷат аз давраи тартиб додан то супоридан ба бойгонӣ тай мекунад.
D. Ин номгӯи ҳуҷҷатҳоест, ки дар хоҷагӣ истифода бурда мешавад.

**25. Нишондиҳандаҳои ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ кадомҳоянд?**
A. Ин нишондиҳандаҳои ҳуҷҷатианд, ки амалиётҳои хоҷагиро тавсиф мекунанд ва ба он қурби ҳуқуқӣ медиҳанд.
B. Ин ахборест, ки элементи асосии таркибии ҳуҷҷат мебошад.
C. Ин номи ҳуҷҷатест, ки таъиноти онро тасниф менамояд.
D. Ин ҳуҷҷатест, ки амалиёти хоҷагиро ифода менамояд.

**26. Элементҳои коркарди ҳуҷҷатҳоро муайян менамояд.**
A. Ислоҳи хатоҳо, тафтиши дурустии ҳисоббаробаркуниҳои арифметикӣ.

B. Бақайдгирӣ, коркард, таҳлил.
C. Баҳодиҳӣ, гурӯҳбандӣ, муайян кардани алоқамандии ҳисобҳо.
D. Бақайдгирӣ, ба тартиб даровардан, тафтиш.

**27. Варақаҳои ҳисоббаробаркунӣ-пулӣ, ҳисоби шахсии нафақагирон ва ёрдампулиҳо чанд сол нигоҳ дошта мешаванд?**
A. 10 -сол.
B. 5-сол.
C. 7-сол.
D. 3-сол.

**28. Барӯйхатгирӣ чист?**
A. Тафтиши мавҷудият ва риоя намудани қоидаҳои нигоҳдорӣ ва истифодабарии амволи корхона.
B. Усули баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бо ёрии он камомади амволи корхона муайян карда мешавад.
C. Аниқ кардани мавҷудияти ҳақиқии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ бо роҳи муқоисаи онҳо бо нишондодҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар санаи муайян.
D. Намуди назоратест, ки нигоҳдории амволи корхонаро таъмин менамояд.

**29. Барӯхатгирӣ дар корхона аз тарафи кӣ гузаронида мешавад?**
A. Коркунони шӯъбаи банақшагирӣ ё дигар мутахассисони корхона.
B. Комиссияи махсусе, ки аз тарафи роҳбари корхона таъин карда мешавад.
C. Шахсони масъули моддӣ.
D. Коркунони шӯъбаи хизматрасонии муҳисобӣ.

**30. Таснифи барӯйхатгирӣ аз рӯи ҳаҷми объект чӣ гуна аст?**
A. Даврагӣ ва пурра.
B. Қисман ва интихобӣ.
C. Пурра, қисмӣ ва интихобӣ.

D. Муттасил, даврагӣ, пурра, интихобӣ.

**31. Таснифи баруйхатгирӣ аз рӯи таъинот чӣ гуна аст?**

A. Нақшавӣ ва ғайринақшавӣ.
B. Даврагӣ ва пурра.
C. Пурра, қисмӣ ва интихобӣ.
D. Такрорӣ ва назоратӣ.

**32. Дар кадом ҳолатҳо гузаронидани баруйхатгирӣ ҳатмист? (Ҷавоби пурра диҳед).**

A. Пеш аз сохтани ҳисоботи солонаи муҳосибӣ.
B. Дар ҳолати додани амвол ба иҷора, фурӯш ва харид.
C. Дар вақти иваз шудани шахсони ҷавобгари моддӣ.
D. Пеш аз сохтани ҳисоботи солона, дар ҳолати ба иҷора додани амвол, фурӯш ва харидан, дар вақти ивази шахсони ҷавобгарии моддӣ, ошкор шудани воқеаҳои дуздӣ ва офатҳои табиӣ.

**33. Миқдори баруйхатгирӣ ва мӯҳлати гузаронидани он аз тарафи кӣ муайян карда мешавад?**

A. Корхонаи болоӣ.
B. Роҳбари корхона.
C. Сармуҳосиби ташкилот.
D. Сармуҳандиси ташкилот.

**34. То саршавии тафтиши ҳақиқии амвол комиссияи баруйхатгирӣ чи амалро иҷро менамояд?**

A. Мустақилона дар санаи саршавии баруйхатгирӣ ҳисобот тайёр мекунанд.
B. Ҳисобот тайёр намекунанд.
C. Дар санаи саршавии баруйхатгирӣ аз шахси мутасаддии моддӣ ҳисобот талаб мекунанд.
D. Аз шахси мутасаддии моддӣ забонхат мегиранд.

**35. Тафтиши ҳақиқии амвол бо иштироки ҳатмии кӣ сурат мегирад:**

A. Менеджери ташкилот.
B. Шахсони мутасаддии моддӣ.

C. Намояндаи корхонаи болоӣ.
D. Духтури ташкилот.

**36. Дар вакти гузаронидани баруйхатгирии молу масолеҳи қимматнок кадом ҳуҷҷат тартиб дода мешавад?**

A. Ведомости гардишӣ.
B. Ҳисоботи хазинавӣ
C. Варақаи баруйхатгирӣ.
D. Ҳисоботи авансӣ.

**37. Хатогиҳое, ки баъди баруйхатгирӣ ошкор мешаванд, аз тарафи кӣ ислоҳ карда мешаванд?**

A. Сармуҳосиби ташкилот.
B. Шахси мутасаддии моддӣ.
C. Комиссияи баруйхатгирӣ.
D. Роҳбари ташкилот.

**38. Маблаги зиёдомади ЗММ, ки дар натиҷаи баруйхатгирӣ ошкор шудааст, дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ чунин инъикос меёбанд:**

A. Дт 10700 «ЗММ», Кт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда».
B. Дт 10700 «ЗММ», Кт 66050 «Дигар даромадҳои ғайримуомилотӣ».
C. Дт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда», Кт 10700 «ЗММ».
D. Дт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда», Кт 10800 «ЗМЁ».

**39. Кадоме аз ин навишти ҳисобҳо зиёдомади воситаҳои пулиро инъикос менамоянд?**

A. Дт 10720 «Ашёи хом ва маводи асосӣ», 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина» Кт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда»
B. Дт 10720 «Ашёи хом ва маводи асосӣ», 10850 «Асбобҳои камнарху тезфарсудашаванда». Кт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда».
C. Дт 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина», 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк» Кт 66050 «Дигар даромадҳои гайримуомилотӣ».

D. Дт 11010 «Замин», 11200 «Дороиҳои ғайримоддӣ». Кт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда»

**40. Камомади арзишҳои моддии кимматноки мувофиқи меъёрбударо чӣ тавр хориҷ мекунанд?**

A. Дт 55200 «Хароҷоти истеҳсоли дороиҳои биологӣ», Кт 10700 «ЗММ»

B. Дт 55500 «Хароҷоти умумӣ ва хоҷагӣ» Кт 10700 «ЗММ», 10800 «ЗМЁ»»

C. Дт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда» Кт 10850 «Асбобҳои камнарху тезфарсудашаванда

D. Дт 10770 «Камомад бо гуноҳи корманд» Кт 10800 «ЗМЁ», 10850 «Асбобҳои камнарху тезфарсудашаванда»

**41. Камомад ва талафи арзишҳои моддии қиматноки аз меъёр зиёдбударо бо кадом навишт ба ҳисоби шахсони гунаҳкор хориҷ мекунанд?**

A. Дт 10770 «Камомад бо гуноҳи корманд» Кт 10700 «ЗММ», 10800 «ЗМЁ»

B. Дт 10520 «Қарздории дебитории хизматчиён» Кт 10700 «ЗММ», 10800 «ЗМЁ»

C. Дт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда» Кт 10700 «ЗММ», 10800 «ЗМЁ»

D. Кт 66140 «Дигар хароҷотҳои ғайримуомилотӣ» Кт 10700 «ЗММ», 10800 «ЗМЁ»

| Тест | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷавоб | A | B | C | A | B | C | B | B | C | D | B | D | C | A | B | C | B,D | A | B | B | |
| Тест | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | 37 | 38 | 39 | 40 | 41 |
| Ҷавоб | B | D | C | C | A | C | B | C | B | C | A,D | D | B | C,D | B | C | C | B | C | B | A |

## МАВЗӮИ 7. САБТКУНАКҲО ВА ШАКЛҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

### ❖ ҲАЛЛИ МАСЪАЛА:

#### ➢ Масъалаи 12.

*Мақсади дарс*: Азхуд кардани тарзи пур кардани сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ.

*Талаб карда мешавад:* Мувофиқи амалиётҳои хоҷагидории гузаронидашудашуда:

- алоқамандии ҳисобҳоро муайян намоед;
- дар ордери мемориалӣ ва журнал-ордер инъикос намоед:

*Журнали бақайдгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ*

Нақшаи 12.1

| *№ амалиёт* | *Мазмуни амалиёт* | *Маблағ (сомонӣ)* | *Алоқаманди и ҳисобҳо* | |
|---|---|---|---|---|
| | | | *Дебет* | *Кредит* |
| 1 | Аз ҳисоби бонкӣ барои додани музди меҳнат маблағ дохил шуд | 12 000 | | |
| 2 | Аз харидорон ба хазина маблағи маҳсулоти харидашуда дохил шуд | 5000 | | |
| 3 | Аз муассисон ҳиссаи онҳо накд ба хазина супорида шуд | 2 500 | | |
| 4 | Камомади масолеҳ аз тарафи шахси ғунаҳкор ба хазина супорида шуд | 100 | | |
| 5 | Ба коргарон музди меҳнат дода шуд | 8 500 | | |
| 6 | Ба шахсони ҳисоботӣ маблағ дода шуд | 1 500 | | |
| 7 | Бақияи маблағи ҳисоботӣ ба хазина баргардонида шуд | 500 | | |
| 8 | Маблаги бақияи хазина ба ҳисоби бонкӣ баргардонида шуд | 10 000 | | |
| | | | | |

***Ҳалли масъала:***

*Ордери мемориалии № 1*

барои ҳисоби 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина»

дар моҳи маи соли 2011

| **Ҳуҷҷат ва мазмуни амалиёт** | **Алоқамандии ҳисобҳо** | | |
|---|---|---|---|
| | **Дебет** | **Кредит** | **Маблағ** |
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| **ҲАМАГӢ** | | | |

Сармуҳосиб____________________________

Журнал-ордери № 1

Аз рӯи кредити ҳисоби 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина»

| № сатрҳо | Сана | Рақам ва номгӯи хисобҳо | | | | | | | | | | Ҷамъи кредитӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |

Сармуҳосиб____________________________

## ТЕСТҲОИ САНҶИШӢ:

**1. Мафҳуми «Сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ»-ро тасниф кунед:**

A. Ин нақшаи ҷадвалиест, ки дар он навиштаҷоти муҳосибӣ дарҷ мегардад.
B. Ин китобҳои мувофиқест барои сабт ва гурӯҳбандии маълумотҳо оиди ҳаракати амвол ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо, ки дар ҳуҷҷатҳои аввала дарҷ гардидаанд.
C. Ин журнал-ордерҳоеанд, ки амалиётҳои хоҷагӣ қайд карда мешаванд.
D. Ин ҷадвалҳои дорои шакли махсусанд, ки барои бақайдгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ пешбинӣ шудаанд.

**2. Таснифоти сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз намуди беруна чӣ гуна аст?**

A. Карточкаҳо, варақаҳо, ведомостҳо.
B. Китобҳои муҳосибӣ, варақаҳо, варақаҳои озод.
C. Китобҳои муҳосибӣ, карточкаҳо, лентаҳои магнитӣ.
D. Варақаҳо, перфокартаҳо, журнал-ордерҳо.

**3. Аз рӯи тарзи навишт сабткунакҳои баҳисобгирӣ чӣ тавр гурӯҳбандӣ карда мешаванд?**

A. Таркибӣ, таҳлилӣ, шоҳмотӣ.
B. Шоҳмотӣ, яктарафа, якчандсутуна.
C. Хаттӣ, омехта, пайдарҳам.
D. Омехта, мунтазам, пайдарҳам.

**4.Гурӯҳбандии дурусти сабткунакҳои баҳисобгириро аз рӯи сохторашон муайян намоед:**

A. Хаттӣ, таркибӣ, таҳлилӣ ва омехта.
B. Яктарафа, якчандсутуна, хаттӣ, шоҳмотӣ, дутарафа.
C. Мунтазам, яктарафа, дутарафа, шоҳмотӣ, омехта.
D. Шоҳмотӣ, омехта, пайдарҳам, варақавӣ.

**5. Гурӯҳбандии дурусти сабткунакҳои баҳисобгириро мувофиқи мазмуни амалиёт нишон диҳед.**

A. Пайдарҳам, омехта, мунтазам.
B. Пайдарҳам, мунтазам, таҳлилӣ ва омехта.
C. Таркибӣ (куллӣ) ва таҳлилӣ (ҷузъӣ).
D. Хаттӣ, якчандсутуна, шоҳмотӣ ва омехта.

**6. Сабткунакҳои баҳисобгирӣ — ин:**

A. Ҳуҷҷати ибтидоии баҳисобгирии муҳосибӣ.
B. Ҷадвалҳои шакли махсус.
C. Китобҳои баҳисобгирӣ.
D. Шакли ҳисоботи муҳосибӣ.

**7. Вазифаи сабткунакҳои баҳисобгирӣ дар ҳисобдорӣ:**

A. Батанзимдарорӣ ва ҷамъбасткунии маълумотҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ.
B. Ҷамъбасткунии натиҷаҳои тафтиш.
C. Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ.
D. Баҳисобгирии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳои ҷорӣ.

**8. Шакли сабткунакҳои баҳисобгириро таҳия ва тасдиқ менамояд:**

A. Ҳукумати ҶТ.
B. Вазорати маорифи ҶТ.
C. Вазорати молияи ҶТ.
D. Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ.

**9. Барои инъикоси дурусти маълумотҳо дар сабткунакҳои баҳисобгирӣ ҷавобгар аст:**

A. Сармуҳосиб.
B. Шахси имзокунанда дар сабткунакҳои баҳисобгирӣ.
C. Корманди шӯъбаи бойгонӣ.
D. Роҳбари корхона.

**10. Мазмуни сабткунакҳои баҳисобгирӣ, мебошад:**

A. Сирри тиҷоратӣ.

B. Сирри давлатӣ.
C. Сирри махфӣ.
D. Сирри тиҷоратӣ, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ – сирри давлатӣ.

**11. Баъди тасдики ҳисоботи солона сабткунакҳои баҳисобгирӣ:**

A. Нест карда мешаванд.
B. Гурӯҳбандӣ карда мешаванд.
C. Ба бойгонӣ супорида мешаванд.
D. Дар муҳосибот нигоҳ дошта мешаванд.

**12. Бароиислоҳи хатогиҳои нодуруст навиштани амалиёт кадом усули ислоҳиро истифода мебаранд?**

A. Хат задан бо хати борик ва аз болои он навиштани матн ё маблағи дуруст.
B. Усули навишти иловагӣ.
C. Усули бо сурх навиштан (усули манфӣ).
D. Усули формулавӣ.

**13. Барои ислоҳи хатогиҳои нодуруст ҳисоб кардани ҷамъбасти натиҷаҳо кадом усули ислоҳиро истифода мебаранд?**

A. Усули формулавӣ.
B. Усули навишти иловагӣ.
C. . Хат задан бо хати борик ва аз болои он навиштани матн ё маблағи дуруст
D. Усули бо сурх навиштан (усули манфӣ).

**14. Барои ислоҳи хатогиҳои нодуруст инъикос кардани алоқамандии ҳисобҳо кадом усули ислоҳиро истифода мебаранд?**

A. Усули бо сурх навиштан (усули манфӣ).
B. Хат задан бо хати борик ва аз болои он навиштани матн ё маблағи дуруст.
C. Усули формулавӣ
D. . Усули навишти иловагӣ.

**15. Барои инъикоси амалиёт бо ранги сурх бояд маблағи он:**

A. Ба ҳисоб гирифта нашавад.
B. Ба маблағи умумӣ ҷамъ карда шавад.
C. Аз маблағи умумӣ тарҳ (кам) карда шавад.
D. Ба маблағи умумӣ тақсим карда шавад.

**16. Дар журнал-ордерҳо ва Китоби асосӣислоҳи хатогиҳо бо кадом усул гузаронида мешавад?**

A. Дар журнал-ордерҳо маблағи хатогӣ хат зада шуда аз болояш маблағи дуруст навишта мешавад.
B. Бо усули тасҳеҳ навиштаҷоти Китоби асосӣ ислоҳ карда мешавад.
C. Агар маблағи хатошуда аз дуруст кам бошад, навиштаи иловагӣ тартиб дода мешавад. Агар баръакс бошад навишт бо усули «қайди ислоҳ бо сурх» тартиб дода мешавад.
D. Ислоҳи навиштаҷот дар сабткунакҳои ҳисобгирӣ бо роҳи тартиб додани маълумотнома ба роҳ монда мешавад, ки маълумотҳои лозимаро дар Китоби асосӣ дар сатри алоҳида нишон дода мешавад.

**17. Хатогиҳои ҳисоботҳои давраи гузашта баамаломада, баъд аз пешниҳод намудани ҳисоботи семоҳа, чӣ тавр ислоҳ кардан мумкин аст?**

A. Ислоҳ карда намешаванд.
B. Ислоҳот бо усули навишти иловагӣ ё тарзи тасҳеҳӣ баъд аз иҷозати хаттии хадамоти андоз гузаронида мешавад.
C. Ислоҳкунӣ бо тарзи тасҳеҳӣ гузаронида шуда ба хадамоти андоз хабар дода мешавад.
D. Ислоҳкунӣ бо усули «қайди ислоҳ бо сурх» гузаронида мешавад.

**18. Навишти хатогии зерин чӣ тавр ислоҳ карда мешавад?**

*Бо варақаи пардохти музди меҳнат ба маблағи 2 000 сомонӣ музди меҳнат дода шудааст. Дар журнал-ордери №1 аз рӯи кредити ҳисоби 10110, муҳосиб 20000 сомонӣ навиштааст. Китоби асосӣ тартиб дода нашудааст.*

A. Навишти қайди ислоҳ ба маблаги 20000 сомонӣ карда мешавад.
B. Дар ҳуҷҷатҳои пулӣ ба ислоҳкунӣ роҳ дода намешавад.
C. Ислоҳкунӣ бо усули тасҳеҳӣ гузаронида мешавад.
D. Навишти қайди ислоҳ ба маблағи 20000 сомонӣ гузаронида шуда, навишти иловагӣ ба маблаги 2 000 сомонӣ дар ҳисоботи давраи оянда тартиб дода мешавад.

**19. Шакли баҳисобгирии муҳосибӣ гуфта чиро мефаҳмед?**
A. Маҷмӯи воситаҳои техникӣ ва сабткунакҳое, ки дар ҳисобгирӣ истифода бурда мешаванд.
B. Маҷмӯи сабткунакҳои баҳисобгирӣ, ки алоқаи ҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ, усул ва техникаи бақайдгирии амалиётҳои хоҷагӣ, технология ва ташкили ҷараёни баҳисобгириро пешбинӣ менамояд.
C. Маҷмӯи тарзҳои навиштаҷоти ислоҳӣ дар сабткунакҳои баҳисобгирӣ.
D. Миқдори сабткунакҳои баҳисобгирии истифодашаванда, аз рӯи таъинот, мазмун ва намуди берунии онҳо

**20. Кадом шаклҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар Тоҷикистон истифода бурда мешаванд?**
A. Шакли кӯтоҳкардашуда барои корхонаҳои хурд, мемориалӣ-ордерӣ .
B. Журнал-ордерӣ, мемориал-ордерӣ.
C. Автоматикунонидашуда, журнал-асосӣ.
D. Журнал-асосӣ, шакли кӯтоҳкардашуда барои корхонаҳои хурд.
E. Мемориал-ордерӣ, журнал-ордерӣ, журнали асосӣ ва автоматикунонидашуда.

**21. Дар кадом шакли баҳисобгирии муҳосибӣ китоби Журнали асосӣ истифода бурда мешавад?**
A. Мемориал-ордерӣ.

B. Журнал-ордерӣ.
C. Автоматикунонидашуда.
D. Шакли кӯтоҳкардашудаи баҳисобгирӣ.

**22. Кадом корхонаҳо, вобаста аз микдори коркунонашон ба субъекти соҳибкории хурд дар саноат, сохтмон ва наклиёт дохил мекунанд?**

A. На зиёда аз 50 нафар.
B. Зиёда аз 100 нафар.
C. На зиёда аз 100 нафар.
D. То 20 нафар.

**23. Кадом варақаҳо дар шакли баҳисобгирии кӯтоҳкардашуда истифода бурда мешаванд?**

A. Варақаҳои В-1 ва В-2.
B. Варақаҳои В-5 ваВ-6.
C. Варақаҳои В-1 то В-9 ҳамааш.
D. Варақаи В-9.

**24. Сабткунаки баҳисобгирии – Китоби баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидориро дар кадом шакли кӯтоҳкардашудаи баҳисобгирии бухалтерии амвол ва корхонаи хурд истифода мебаранд?**

A. Дар шакли баҳисобгирии муҳосибӣ бо истифодаи сабткунак-варақаҳои №2, №3.
B. Дар ҳолати истифодабарии сабткунак-варақаҳои баҳисобгирии муҳосибии №5 ва №6.
C. Дар вақти истифодабарии варақаҳои баҳисобгирии муҳосибии №9.
D. Дар ҳолати истифодаи шакли оддии баҳисобгирии муҳосибӣ бе истифодабарии сабткунакҳои ҳисобдории муҳосибии амвол ва корхонаҳои хурд.

**25. Варақаи шоҳмотии (В-9) дар корхонаҳои хурд сабткунаки баҳисобгирии таркибӣ ва тафтиши дутарафаи дурустии навиштаҷот аз рӯи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад?**

A. Намебошад.

B. Ҳа ва не.
C. Эҳтимол (мумкин).
D. Мебошад.

**26. Журнали бақайдгирии амалиётҳои хоҷагӣ ва Китоби асосӣ дар кадом шакли баҳисобгирии муҳосибӣ истифода бурда мешавад?**

A. Дар шакли журнал-ордерӣ.
B. Дар шакли баҳисобгирии журнали асосӣ.
C. Дар шакли кӯтоҳкардашуда барои корхонаҳои хурд.
D. Дар шакли мемориал-ордерӣ.

**27. Кадом навиштаҷот асоси бурдани журнал-ордерро ташкил медиҳад?**

A. Шоҳмотӣ.
B. Дебетӣ.
C. Кредитӣ.
D. Якҷояшуда.

**28. Дар кадом шакли баҳисобгирии муҳосибӣ варақаҳои ёрирасон истифода бурда мешаванд?**

A. Дар шакли мемориал-ордерӣ.
B. Дар шакли баҳисобгирии журнали асосӣ.
C. Дар шакли журнал-ордерӣ.
D. Дар шакли баҳисобгирии кӯтоҳкардашуда.

| Тест | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷавоб | B | B | D | B | C | BC | A | C | B | D | D | A | B | A | C | C | D | D |
| Тест | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | | | | | | | | |
| Ҷавоб | B | E | D | A | D | D | D | D | C | C | | | | | | | | |

## МАВЗӮИ 8. ПРИНСИПҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ҶАРАЁНҲОИ ХОҶАГӢ

### ❖ ҲАЛЛИ МАСЪАЛА:

### ➢ Масъалаи 13.

**Мақсади дарс: Азхудкунии амалиётҳои хоҷагидорӣ оиди ҷараёнҳои хоҷагӣ.**

*Талаб карда мешавад:* Мувофиқи нишондодҳои нақшаи 13.1:

- тавозуни ибтидоии корхонаро дар авали давраи ҳисоботӣ тартиб диҳед:
- амалиётҳои хоҷагиро бо навишти дутарафа инъикос намоед;
- гардиши ҳисобҳоро дар ведомости шоҳмотӣ ҳисоб кунед;
- варақаи ғардиширо пур кунед;
- ҳисобҳои муваққатиро пеш аз тартиб додани тавозуни ҳисобдорӣ маҳкам кунед;
- натиҷаи молиявиро аз фурӯши маҳсулот муайян намоед;
- мувофиқи бакияи ҳисобҳо тавозуни корхонаро дар охири давараи ҳисоботӣ тартиб диҳед.

Нақшаи 13.1

| *№ б/т* | *Воситаҳои хоҷагии корхона ва сарчашмаҳои онҳо* | *Маблағ (сомонӣ)* |
|---|---|---|
| 1. | Воситаҳои асосӣ | 50 000 |
| 2. | Дороиҳои ғайримоддӣ | 6 000 |
| 3. | Сармояи оинномавӣ | 109 000 |
| 4. | Воситаҳои пулӣ дар бонк | 51 000 |
| 5. | Музди меҳнат барои пардохт | 2 000 |
| 6. | Воситаҳои пулӣ дар хазина | 100 |
| 7. | Сӯзишворӣ | 12 000 |
| 8. | Ашёи хом ва масолеҳи асосӣ | 25 100 |
| 9. | Ҳисобҳо барои пардохт | 35 200 |
| 10. | Истеҳсолоти нотамом | 10 000 |
| 11. | Фоидаи тақсимнашуда | 23 000 |

| | | |
|---|---|---|
| 12. | Ҳисобҳо барои қабул | 15 000 |
| | **Маблағи санҷишӣ** | **169 200** |

Тавозуни ҳисобдорӣ

Нақшаи 13.2

| *Дороиҳо* | *Дар аввали давраи ҳисоботӣ (сомонӣ)* | *Ӯҳдадориҳо* | *Дар аввали давраи ҳисоботӣ (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|
| **I.А. Дороиҳои гардон:** | | **II.А.Ӯҳдадориҳ ои кӯтоҳмуддат** | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат:** | |
| | | **II.Б. Ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | |
| | | | |
| **Ҳамагӣ дороиҳои гардон:** | | | |
| **I.Б. Дороиҳои ғайригардон:** | | | |
| | | | |
| | | **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои дарозмуддат:** | |
| | | **III. Сармояи худӣ** | |
| | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| **Ҳамагӣ доroиҳои ғайригардон:** | | **Ҳамагӣ сармояи худӣ** | |
| ҶАМЪ | | ҶАМЪ | |

Мувофиқи амалиётҳои гузаронидашуда (нақшаи 13.3), алоқамандии ҳисобҳоро муайян намоед ва номгӯи ҳуҷҷатҳоро барои ҳар як амалиёт нависед.

*Журнали бақайдгирии амалиётҳои хоҷагӣ*

Нақшаи 13.3

| *№ амалиёт* | *Мазмуни амалиёт* | *Маблағ (сомонӣ)* | *Алоқаманд ии ҳисобҳо* | |
|---|---|---|---|---|
| | | | *Дебет* | *Кредит* |
| **А. Принсипи баҳисобгирии ташкили сармояи оинномавӣ** | | | | |
| 1 | **Оинннома. Пайнавишт аз ҷаласаи муассисон.** Бо қарори муассисон ҳаҷми сармояи оинномавӣ зиёд карда шуд | 10 000 | | |
| 2 | **Ордери даромади хазинавии № 10.** Аз муассис Сафаров ҳисса ба сармояи оинномавӣ дохил шуд | 2 000 | | |
| 3 | **Супоришномаи пардохтии № 8. Нусха аз ҳисоби бонкӣ.** Аз муассис ООО «Меҳрон» ҳисса ба сармояи оинномавӣ дохил шуд | 8 000 | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Б. Принсипи баҳисобгирии ҷараёни таъминот** | | | |
| 4 | **Санади қабули ВА-1.**<br>Аз таъминкунандагон таҷҳизот дохил шуд | 7 000 | | |
| 5 | **Санади қабули ВА-1.**<br>Маблағи ташкилоти хизматрасон барои оварда расонидани таҷҳизот ба арзиши воситаи асосӣ ҳамроҳ карда шуд | 500 | | |
| 6 | **Борхати № 4. Ордери даромади анбор № 8.**<br>Аз таъминкунандагон дохил шуд:<br>Ашёи хом | 5 000 | | |
| | Сӯзишворӣ | 2 000 | | |
| | Қисмҳои эҳтиётӣ | 1 500 | | |
| | Масолеҳи сохтмонӣ | 1 000 | | |
| | Масолеҳи ёрирасон | 800 | | |
| | АКТ | 1 200 | | |
| 7 | **Супоришномаи пардохтии № 8. Нусха аз ҳисоби бонкӣ.**<br>Ҳисоби таъминкунандагон пардохта шуд: | | | |
| | Барои таҷҳизот | 7000 | | |
| | Барои хизматрасонӣ<br>Барои ЗММ | 500<br>11500 | | |
| | **В. Принсипи баҳисобгирии ҷараёни истеҳсолот** | | | |
| 8 | **Талабномаи 1-11**<br>Ба истеҳсолот дода шуд: | | | |
| | Ашёи хом ва масолеҳи асосӣ | 20 000 | | |
| | Масолеҳи ёрирасон<br>Сӯзишворӣ | 800<br>10 000 | | |
| 9 | **Ҳисоби хадамоти баҳисоб-** | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **гирии муҳосибӣ**<br>Музди меҳнат ҳисоб карда шуд:<br>Барои коргарони истеҳсолӣ<br>Барои роҳбарият | 8 000<br>2 000 | | |
| 10 | **Ведомости баҳисобгирии музди меҳнат**<br>Ҳиссаҷудокунӣ ба ФТИ 25 %<br>Барои коргарони истеҳсолӣ<br>Барои роҳбарият | ?<br>? | | |
| 11 | **Ведомости ҳисобкунӣ-пардохтии музди меҳнат**<br>Аз музди меҳнат дошта шуд: | | | |
| | Андоз аз даромад | 1 100 | | |
| | 1% ба ФТИ | 100 | | |
| | 1% фонди иттифоқи касаба | 100 | | |
| | Аз рӯи варақаҳои иҷроишӣ | 300 | | |
| 12 | **Нусха аз ҳисоби бонкӣ**<br>Маблағ гузаронида шуд, ба: | | | |
| | буҷет, андоз аз даромад | 1 100 | | |
| | ФТИ | 2 600 | | |
| | аз рӯи варақаҳои иҷроишӣ | 300 | | |
| 13 | **Ордери даромади хазинавии № 20**<br>Ба хазина маблағ барои додани музди меҳнат дохил шуд: | 8 400 | | |
| 14 | **Ведемости баҳисобгирии истеҳлоки воситаҳои асосӣ**<br>Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ҳисоб карда шуд: | | | |
| | Истеҳсолоти асосӣ<br>Хадамоти идоракунии ташкилот | 2 000<br>500 | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 15 | **Ведомости тақсимоти харочотҳои ғайриистеҳсолӣ**<br>Маблағҳои харочотҳои ғайриистеҳсолӣ аз ҳисоб бароварда мешаванд. | ? | | |
| **Г. Принсипи баҳисобгирии чараёни фурӯш** | | | | |
| 16 | **Ҳуччатҳои ҳисоббаробаркунӣ-пардохтӣ:**<br>Маблағи маҳсулоти ба харидорон боркардашуда, ҳамчун даромад аз фурӯш эътироф карда шуд | 60 000 | | |
| 17 | **Маълумотномаи хадамоти ҳисобдорӣ**<br>Арзиши аслии истеҳсолии маҳсулоти фурӯхташуда аз ҳисоб бароварда шуд | 45 800 | | |
| 18 | **Нусха аз ҳисоби бонкӣ**<br>Аз харидорон маблағи маҳсулоти фурӯхташуда дохил шуд | 60 000 | | |
| **Д. Принсипи баҳисобгирии натичаҳои молиявӣ ва тақсими фоида** | | | | |
| 19 | **Эъломияи андоз**<br>Андоз аз фоида ҳисоб карда шуд (20%) | 2 840 | | |
| 20 | **Нусха аз ҳисоби бонкӣ**<br>Андоз аз фоида ба бучет гузаронида шуд | 2 840 | | |
| 21 | **Пайнавишти чаласаи муассисон**<br>Даромади муассисон ҳисоб карда шуд | 11360 | | |

Варақаи шоҳмотиро мувофиқи амалиётҳои гузаронидашуда пур кунед:

Нақшаи 13.4

Варақаи шоҳмотӣ

| Кт / Дт | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

Варақаи гардишӣ аз рӯи ҳисобҳои таркибӣ

Нақшаи 13.5

| *Рақам ва номгӯи ҳисобҳо* | *Бақия дар 1 январ* | | *Гардиш дар моҳи январ* | | *Бақия дар 1 феврал* | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Дебет* | *Кредит* | *Дебет* | *Кредит* | *Дебет* | *Кредит* |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

Тавозуни ҳисобдорӣ

Нақшаи 13.6

| *Дороиҳо* | *Дар охири моҳ (сомонӣ)* | *Ӯҳдадориҳо* | *Дар охири моҳ (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|
| **I.A. Дороиҳои гардон:** | | **II.A.Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат** | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат:** | |
| | | **II.Б. Ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | |
| | | | |
| **Ҳамагӣ дороиҳои гардон:** | | | |
| **I.Б. Дороиҳои ғайригардон:** | | | |
| | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои дарозмуддат:** | |
| | | **III. Сармояи худӣ** | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| **Ҳамагӣ дороиҳои ғайригардон:** | | **Ҳамагӣ сармояи худӣ** | |
| ҶАМЪ | | ҶАМЪ | |

## ТЕСТҲОИ САНҶИШӢ:

**1. Тарзи дуруст баҳодиҳии амволро муайян намоед:**

A. Амвол бо нишондодҳои аслӣ (ҳақиқӣ) баҳо дода мешавад.

B. Амвол бо нишондодҳои меҳнатӣ баҳо дода мешавад.

C. Ин бо тарзи ченаки пулӣ ифода намудани тавозуни муҳосибӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи намудҳои алоҳидаи амвол ва сарчашмаҳои пайдоиши он мебошад.

D. Ин тарзи ифодаи амвол бо ченаки пулӣ.

**2. Амвол дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадом асъор баҳо дода мешавад?**

A. Бо доллари амрикоӣ.

B. Бо фунт, доллар, марка.

C. Бо сомонӣ.

D. Бо сомонӣ, дирам.

**3. Воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, АКТ дар тавозуни ҳисобдорӣ чӣ тавр баҳо дода мешаванд?**

A. Аз рӯи арзиши аслии ҳақиқӣ.

B. Бо нархҳои баҳисобгирӣ.

C. Бо арзиши аввала.

D. Бо арзиши бақиявӣ.

**4. Барои ҳисоб кардани фарсудашавии объектҳои воситаҳои асосӣ кадом усулҳо истифода бурда мешаванд? Ҷавоби нурраро интихоб кунед.**

A. Усули бақияи камшаванда, ростхатта.
B. Усули истеҳсолӣ, ҷамъи рақамҳо.
C. Усули ростхатта, бақияи камшаванда, истеҳсолӣ, ҷамъи рақамҳо.
D. Усули аз ҳисоб баровардани арзиш бо роҳи мутаносибатан тақсим кардан ба ҳаҷми масолеҳ.

**5. Воситаҳои асосӣ дар ҳисобгирӣ ва ҳисобот чи тарз баҳо дода мешаванд? Ҷавоби пурраро интихоб намоед.**

A. Аввала.
B. Бақиявӣ.
C. Азнавбарқароркунӣ.
D. Бозорӣ (фурӯш), аввала, бақиявӣ, азнавбарқароркунӣ.

**6. Захираҳо дар тавозуни ҳисобдорӣ чӣ тавр инъикос карда мешаванд?**

A. Бо нархҳои ҳисобдорӣ.
B. Бо арзиши аслии ҳақиқӣ.
C. Бо нархҳои шартномавӣ.
D. Бо нархҳои яклухт ва аз рӯи нархнома.

**7. Маҳсулоти тайёри ба фурӯш баровардашуда, барои аз нав фурӯхтан дар ҳисобгирии муҳосибӣ ва тавозун чӣ хел акс меёбад?**

A. Бо арзиши аслии меъёрӣ.
B. Бо арзиши аслии нақшавӣ.
C. Аз рӯи арзиши аслии истеҳсолӣ.
D. Аз рӯи нархҳои ҳисобдорӣ.

**8. Нархҳоеро, ки барои баҳодиҳии молҳо дар корхонаҳои савдо ва хӯроки умумӣ истифода бурда мешаванд, номбар кунед.**

A. Яклухт, харид.
B. Чакана, шартномавӣ.
C. Бозорӣ, фурӯш.
D. Яклухт, чакана, шартномавӣ, озод, харид, фурӯш.

**9. Сармояи оинномавӣ дар тавозуни ҳисобдорӣ чӣ тавр инъикос карда мешавад?**

A. Ба маблаге, ки дар ҳуҷҷатҳои муассисон нишон дода шудааст
B. Аз рӯи арзиши номиналии саҳмияҳо.
C. Ба маблаги пардохташудаи қисми саҳмияҳо.
D. Ба маблаги амонатии ташкилкунандагон.

**10. Хароҷотҳо ба кадом гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд? (Ҷавоби пурраро интихоб намоед).**

A. Асосӣ ва борхатӣ (накладноӣ).
B. Бавосита ва бевосита.
C. Комплексӣ ва ҷузъӣ.
D. Бавосита, бевосита, асосӣ, борхатӣ, доимӣ ва тағиёбанда, шартӣ-доимӣ ва шартӣ-тағирёбанда.

**11. Шумораи дурусти моддаҳоро номбар кунед, ки арзиши аслии пурраи фурӯши маҳсулотро тасниф менамоянд.**

A. 11 модда.
B. 8 модда.
C. 14 модда
D. 10 модда.

**12. Калкулятсия чист?**

A. Усули гурӯҳбандии хароҷоти дар шакли пулӣ ифодаёфта.
B. Тартиби паиҳам дохилкунии хароҷот ба истеҳсоли маҳсулот (корҳо, хадамот) ва усули муайян намудани арзиши аслии намудҳои алоҳидаи маҳсулот.

C. Усули назорати харочотҳои истеҳсолӣ.
D. Гурӯҳбандии харочотҳо ва муайян намудани арзиши аслии намудҳои алоҳидаи маҳсулот.

**13. Усулҳои асосии бахисобгирии харочотҳо ва калкулятсияи арзиши аслиро, ки дар корхонаҳои саноатӣ истифода бурда мешаванд, номбар кунед.**

A. Намунавӣ, оддӣ.
B. Меъёрӣ, намунавӣ.
C. Чараёнӣ, меъёрӣ, ҳудудӣ, фармоишӣ, маснуотӣ.
D. Оддӣ, меъёрӣ.

**14. Дар кадом чараёни хочагӣ ба воситаи амалиётҳои хочагӣ дигаргуншавии амволи корхона ба вучуд меояд?**

A. Таъминот, фурӯш.
B. Истеҳсолот, натичаҳои молиявӣ.
C. Фурӯш, истеҳсолот.
D. Таъминот, истеҳсолот, фурӯш ва натичаҳои молиявӣ.

**15. Чараёни таъминот чист?**

A. Харидан (ба даст овардан) –и масолеҳ, сӯзишворӣ.
B. Ба даст овардани ашьёи хом, нимтайёрҳои харидашуда.
C. Харидани зарфҳо, қисмҳои эҳтиётӣ, масолеҳи сохтмон.
D. Чамъи амалиётҳое, ки дар натичаи он корхона худро аз предмет, ашёи меҳнати барои истеҳсолот зарур таъмин менамояд.

**16. Кадом чавоб мафҳуми «соҳаи истеҳсолот»-ро дуруст тасниф менамояд?**

A. Баровардани маҳсулоти тайёр ё маснуот.
B. Муайян кардани ҳачми истеҳсоли маҳсулоти тайёршуда умуман ва аз рӯи намуди онҳо дар намуди пулӣ ва натуравӣ.
C. Иштироки се омил –меҳнати инсон, ашё ва воситаҳои меҳнат, ки дар натичаи он дар корхона мафҳуми харочотҳо ва маҳсулоти тайёр пайдо мешаванд.

D. Ҳисоб кардани арзиши аслии ҳақиқии намудҳои ҷудогона ва ҳамаи маҳсулоти фурӯхташуда.

**17. Доираи фурӯш ва натиҷаҳои молиявӣ чиро ифода менамояд?**

A. Назорат аз рафти ҷараёни иҷроиш, шартнома-таъминот оиди хаҷм ва номгӯи маҳсулоти фурӯхташаванда.
B. Натиҷаи ниҳоӣ (фоида ё зарар).
C. Саривакт ва пурра ҳисобкунии маблағҳое, ки аз фурӯши маҳсулот ба даст омадаанд.
D. Ҷамъи амалиётҳои хоҷагие, ки барои ташкили фурӯш ва фурӯхтани маҳсулоти тайёр, воситаҳои асосӣ, дигар дороиҳо алоқамандaнд, инчунин муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ.

**18. Дар ҳолати дохилшавии масолеҳ ба анбор, вале маблағаш ба таъминкунанда пардохтанашуда, кадом навишти муҳосибӣ тартиб дода мешавад?**

A. Дт 10850 «Асбобҳои камнарху тезфарсудашаванда» Кт 22010. «Ҳисоби пардохти амвол ва хизмат»
B. Дт 10720 «Ашёи хом ва маводи асосӣ» Кт 10210 «Ҳисобҳо бо арзи миллӣ»
C. Дт 10720 «Ашёи хом ва маводи асосӣ» Кт 22010. «Ҳисоби пардохти амвол ва хизмат»
D. Дт 10730 «Истеҳсолоти нотамом» Кт 22010. «Ҳисоби пардохти амвол ва хизмат»

**19. Дар вакти додани масолеҳ ба истеҳсолоти асосӣ кадом навишти муҳосибӣ тартиб дода мешавад?**

A. Дт 55200 «Хароҷот оиди истеҳсоли активҳои биологӣ» Кт 10720 «Ашёи хом ва маводи асосӣ»
B. Дт 55500 «Хароҷотҳои умумӣ ва хоҷагӣ» Кт 10720 «Ашёи хом ва маводи асосӣ»
C. Дт 10730 «Истеҳсолоти нотамом» Кт 10850 «Асбобҳои камнарху тезхӯрдашаванда»
D. Дт 10730 «Истеҳсолоти нотамом» Кт 10720 «Ашёи хом ва маводи асосӣ»

**20. Дар кредити ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» кадом арзиши аслӣ инъикос меёбад?**

A. Арзиши аслии ҳақиқии масолеҳи сарфшуда.
B. Хароҷотҳои ҳақиқӣ барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр.
C. Арзиши аслии ҳақиқии маҳсулоти баровардашуда.
D. Арзиши аслии ҳақиқии маҳсулоти боркардашуда.

**21. Кадом навишти муҳосибиро дар ҳолати аз суратҳисоб гузаронидани воситаҳо ба таъминкунандагон барои масолеҳи гирифташуда истифода бурдан мумкин аст?**

A. Дт 22010 «Ҳисоби пардохти амвол ва хизмат»
Кт 10210 «Ҳисоб бо арзи миллӣ»
B. Дт 22010 «Ҳисоби пардохти амвол ва хизмат»
Кт 10220 «Ҳисобҳо бо арзи хориҷӣ дар бонкҳои маҳаллӣ»
C. Дт 22010 «Ҳисоби пардохти амвол ва хизмат»
Кт 10210 «Ҳисобҳо бо арзи миллӣ»
D. Дт 22040 «Пешпардохти харидорон ва муштариён» Кт 10210 «Ҳисоб бо арзи миллӣ»

**22. Дар ҳолати ба анбор дохил шудани маҳсулоти тайёри истеҳсоли худӣ кадом навишти муҳосибӣ тартиб додан лозим аст?**

A. Дт 10740 «Маҳсулоти тайёр» Кт 10710 «Молҳо»
B. Дт 10710 «Молҳо» Кт 10730 «Истеҳсолоти нотамом»
C. Дт 10740 «Маҳсулоти тайёр» Кт 10730 «Истеҳсолоти нотамом»
D. Дт 10740 «Маҳсулоти тайёр» Кт 10400 «Ҳисобҳо барои қабул»

**23. Дар ҳолати муайян кардани натиҷаи фурӯши маҳсулот (фоида) навишти дурустро нишон диҳед.**

A. Дт 44010 «Даромад аз фурӯши маҳсулот» Кт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда»

B. Дт 44010 «Даромад аз фурӯши маҳсулот» Кт 33300 «Сармояи захиравӣ»
C. Дт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда» Кт 44010 «Даромад аз фурӯши маҳсулот»
D. Дт 33200 «Фоидаи тақсимнашуда» Кт 33300 «Сармояи захиравӣ»

**24. Дар ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» бақияи аввал ва охир чиро ифода менамояд?**

A. Баровардани маҳсулоти тайёр.
B. Хароҷотҳои ҳақиқӣ барои истеҳсоли маҳсулот дар давраи ҳисоботӣ.
C. Маблағи истеҳсоли нотамом.
D. Хароҷотҳои гузаронидани давраҳои гузаштаи ҳисоботӣ.

| Саволҳои тестӣ | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷавобҳо | C | D | D | C | D | B | C | D | A | D | C | D | C | D | D | C | D | C | D | C | A | C | A | C |

## МАВЗӮИ 9. ҲИСОБОТИ МУҲОСИБӢ. СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРИИ ТАШКИЛОТ

### ❖ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО:

### ➢ Масъалаи 14

*Мақсади дарс*: Азхудкунии тарзи тартиб додани шаклҳои асосии ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ).

*Талаб карда мешавад:* Дар асоси нишондодҳои нақшаи 14.1:

- Тавозуни ҳисобдории ташкилотро дар аввал ва охири давраи ҳисоботӣ тартиб диҳед.

Маълумоти иловагӣ барои тартиб додани тавозуни ҳисобдорӣ:

*Номи ташкилот*: Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Азиза».

*Намуди фаъолият*: истеҳсолӣ-тиҷоратӣ.

*Шакли моликият*: хусусӣ.

*РМА*: 010405563

*Сурогаи ташкилот:* 734019, ш. Душанбе, кӯчаи А.Деҳотӣ, 25.

Нақшаи 14.1

*Бақияи ҳисобҳои таркибӣ дар аввал ва охири давраи ҳисоботӣ(сомонӣ)*

| *Рақами ҳисобҳои таркибӣ* | *Номгӯи ҳисобҳо* | *Дар аввали давраи ҳисоботӣ* | *Дар охири давраи ҳисоботӣ* |
|---|---|---|---|
| ***11200*** | ***Дороиҳои ғайримоддӣ*** | ***46*** | ***244*** |
| 11230 | Патентҳо | - | 244 |
| 11270 | Хароҷотҳои ташкилотӣ | 46 | - |
| ***11000*** | ***Воситаҳои асосӣ*** | ***51 718*** | ***50 849*** |
| 11020 | аз ҷумла: бино ва иншоот | 50 540 | 42 493 |
| 11060 | Воситаҳои нақлиёт | 1 178 | 8 356 |
| 11400 | Дороиҳои биологӣ | 2 337 | 1 632 |
| 11600 | Сармоягузориҳои дарозмуддат | 5 | |
| 10720 | Ашёи хом ва маводи асосӣ | 5 098 | 5 800 |
| 10730 | Истеҳсолоти нотамом | 14 | 62 |
| 10740 | Маҳсулоти тайёр | 3 830 | 4 835 |
| 10860 | Асбобҳои камарзишу тезфарсудашаванда | 4 | 6 |
| 10810 | Сӯзишворӣ | 617 | 450 |
| 10410 | Хисобҳо барои қабули амвол ва хизмат | 1 838 | 1 929 |
| 10510 | Векселҳо барои гирифтан | - | 150 |
| 10600 | Қарздории муассисон | 1 933 | 2 781 |
| 10500 | Дигар қарздории дебиторӣ | 606 | 14 |
| 10110 | Воситаҳои пулӣ дар хазина бо пули миллӣ | 2 | 2 |
| 10210 | Ҳисобҳо бо арзи миллӣ | 317 | 264 |
| 10220 | Ҳисобҳо бо арзи хориҷӣ дар бонкҳои маҳаллӣ | 550 | 261 |
| | ***Маблағи санҷишӣ*** | ***68 915*** | ***69 279*** |
| 33000 | Сармояи оинномавӣ | 61 024 | 61 024 |
| 33100 | Сармояи иловагӣ | 23 | 23 |
| 33210 | Фоидаи тақсимнашудаи соли ҳисоботӣ | 6 | - |
| 33220 | Фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта | | 713 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 22620 | Қарзҳои дарозмуддати бонкӣ | - | 1 995 |
| 22110 | Қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкӣ | 4 850 | - |
| 22010 | Ҳисоби пардохти амвол ва хизмат | 1 341 | 3 940 |
| 22220 | Маош барои пардохт | 149 | 69 |
| 22230 | Аъзоҳаққии пардохтшуда ба фонди иҷтимоӣ | 130 | 168 |
| 22300 | Андозҳо барои пардохт | 314 | 484 |
| 22040 | Пешпардохти харидорон ва муштариён | 23 | 57 |
| 22120 | Вомҳои кӯтоҳмуддат | 500 | 400 |
| 22060 | Дигар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат | 473 | 349 |
| 22240 | Дивидендҳо барои пардохт | 82 | 57 |
| | ***Маблағи санҷишӣ*** | ***68 915*** | ***69 279*** |

## Тавозуни ҳисобдорӣ

**ба ҳолати ____________________ с. 200**

**(мувофиқи СБҲМ)**

**Шакли № 1 аз рӯи ОКУД**

Корхона (иттиҳодия)______________________ аз рӯи ОКПО

Соҳа (намуди фаъолият) ____________________ аз рӯи ОКЭД

Мақомоти идора ________________________ аз рӯи ОКОУ

Шакли моликият__________________________ аз рӯи ОКФС

Воҳиди ченак ___________________________ аз рӯи СОЕИ

РМА ______________________________________________

Суроғаи почтавӣ_________________________________

Ному насаб ва № телефони Сармуҳосиб ________________

| РАМЗҲО |
|---|
| |
| 0710002 |
| |
| |
| |
| |
| |

| ДОРОИҲО | Рамзи сатр | Ба аввали давраи ҳисоботӣ | Ба охири давраи ҳисоботӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| **I.А. ДОРОИҲОИ ГАРДОН** | | | |
| **Воситаҳои пулӣ дар хазина (10100)** | **010** | | |
| **Воситаҳои пулӣ дар бонк (10200)** | **020** | | |
| **Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат (10300±10361,10362)** | **030** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Қоғазҳои қимматноки қарзӣ (10310) | 031 | | |
| Қоғазҳои қимматноки ҳиссавӣ | 032 | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| (10320) | | | |
| Қарзҳо, насияҳои додашуда Пасандозҳои амонатӣ (10330,10340) | 033 | | |
| Қисми ҷории сармоягузориҳо | 034 | | |
| Дигар сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат (10360) | 035 | | |
| Ҳисобҳо барои бадасторӣ(10400) | 040 | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Ҳисобҳо бадасторӣ барои молу хизматҳо | 041 | | |
| Захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок (10420) | 042 | | |
| **Дигар қарздории дебиторӣ (10500)** | **050** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Васиқаҳо барои бадасторӣ (10510) | 051 | | |
| Қарздорӣ оиди кормандон (10520) | 052 | | |
| Андозҳои пешпардохтшуда/Андозҳои пардохтшаванда (10530,10540) | 053 | | |
| Фоизҳо ва, ҳаққусаҳмҳо барои бадасторӣ (10550, 10560) | 054 | | |
| Қарздории супоришдиҳандагон аз рӯи шартномаи сохтмон (10570) | 055 | | |
| Қисми ҷории қарздорӣ оиди қарзҳои дарозмӯҳлат (10580) | 056 | | |
| Дигар қарздории дебиторӣ (10590) | 057 | | |
| **Қарздории муассисон (иштирокчиён) оид ба саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ** | **060** | | |
| **Захираҳои моддию молӣ (10700)** | **070** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Молҳо (10710) | 071 | | |
| Ашёи хом ва масолеҳи асосӣ (10720) | 072 | | |
| Истеҳсолоти нотамом (10730) | 073 | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Маҳсулоти тайёр (10740) | 074 | | |
| Масолеҳи кишоварзӣ аз фаъолҳои биологӣ (10750) | 075 | | |
| **Захираҳои масолеҳи ёрирасон (10800)** | **080** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Сӯзишворӣ (10810-10719) | 081 | | |
| Қисмҳои эҳтиёти(10820) | 082 | | |
| Масолеҳи сохтумон (10830) | 083 | | |
| Дигар масолеҳи ёрирасони (10840) | 84 | | |
| Асбобҳои камарзиш ва зудфар-судашаванда (10850+10860-10861) | 85 | | |
| **Хароҷоти пешпардохташуда (10900)** | **090** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Захираҳои пешпардохтшуда (10910) | 091 | | |
| Хизматҳои пешпардохташуда (10920) | 092 | | |
| Иҷораи пешпардохташуда (10930) | 093 | | |
| Дигар Пешпардохтҳо (10940) | 094 | | |
| **ҶАМЪ аз рӯи боби I.А. «Дороиҳои гардон»** | **099** | | |
| **I.Б. ДОРОИҲОИ ҒАЙРИГАРДОН** | | | |
| **Воситаҳои асосӣ (11000)** | **100** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Замин (11010) | 101 | | |
| Бино ва иншоот (11020) | 102 | | |
| Таҷҳизот (11030) | 103 | | |
| Таҷҳизоти идоравӣ (11040) | 104 | | |
| Мебел ва лавозимот (11050) | 105 | | |
| Воситаҳои нақлиёт (11060) | 106 | | |
| Сохтмони нотамом (11070) | 107 | | |
| Дигар воситаҳои асосӣ (11080) | 108 | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ободонии китъаҳои замин (11090) | 109 | | |
| **Амартизатсияи ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ (11100)** | **110** | | |
| **Арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ** | **119** | | |
| **Дороиҳои ғайримоддӣ (11200)** | **120** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Франшиза, Гудвил, патент, тамғаи мол, ҳуқуҳои муаллифӣ, таъминоти барномавӣ, хароҷоти ташкилӣ (11210,11270) | 121 | | |
| Дигар дороиҳои гайримоддӣ (11280) | 128 | | |
| Коркардҳои нотамом (11290) | 129 | | |
| Амартизатсияи ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ (11300) | 130 | | |
| Арзиши тавозунии дороиҳои ғайримоддӣ (11200-11300) | 139 | | |
| **Дороиҳои биологӣ (11400)** | **140** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Ҳайвонот -дороиҳои биологии истеъмолӣ (11410) | 141 | | |
| Ҳайвонот (дороиҳои биологии маҳсулдеҳ) (11420) | 142 | | |
| Растаниҳо (дороиҳои биологии истеъмолӣ) (11430) | 143 | | |
| Дороиҳои биологии аз рӯи хароҷоти ҳақиқӣ ва ҳисоб гирифташаванда (11450) | 145 | | |
| Дигар дороиҳои биологӣ (11460) | 146 | | |
| **Сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул (11500)** | **150** | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Замин (11510) | 151 | | |
| Бино ва иморат (11520) | 152 | | |
| Таҷдиди объктҳои сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул | 153 | | |
| **Сармояғузориҳои дарозмуддат** | **160** | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **(11600+11661, 11662)** | | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Қоғазҳои қимматноки қарзӣ (11610) | 161 | | |
| Қарзҳо, насияҳои додашуда (11620) | 162 | | |
| Сармоягузорӣ ба корхонаҳои фаръӣ (11630) | 163 | | |
| Сармоягузорӣ ба фаъолияти муштарак (11640) | 164 | | |
| Сармоягузорӣ ба ширкатҳои муттаҳидшуда (11650) | 165 | | |
| Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат (11660) | 166 | | |
| **Талаботҳои андози ба таърихи гузашта** | **170** | | |
| 33330 | Фондҳои ба тартибдароранда |
| | |
| ***33900*** | ***Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо*** |
| | |
| **Қисми 4. Даромадҳои амалиётӣ** | |
| ***44000*** | ***Даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ*** |
| 44010 | Даромад аз фурӯш маҳсулоти фурӯхташуда |
| 44020 | Баргардонидани моли фурӯхташуда |
| 44030 | Пули фурӯш аз ивазкунии мол |
| 44040 | Пули фурӯш аз шартномаҳои сохмон |
| 44050 | Пули фурӯши истифодаи дороиҳои субеъкт ҷониби дигар корхонаҳо |
| 44060 | Пули фурӯш аз шартномаҳои суғуртавӣ |
| 44070 | Даромадҳои диғар аз фаъолияти муомилотӣ |
| | |
| **Қисмати 5. Хароҷоти амалиётӣ** | |
| ***55000*** | ***Арзиши аслии моли фурӯхташуда, кор ва хизматрасонӣ (барои муассисаҳои истеҳсолӣ)*** |
| 55010 | Хароҷот барои ба даст овардани ашёи хом ва лавозимот |
| 55020 | Хароҷот барои музди меҳнат |
| 55030 | Хароҷот барои илова ба фондҳои иҷтимоӣ |
| 55040 | Хароҷот ба хизматрасонии коммуналӣ |
| 55050 | Хароҷот ба воситаҳои асосии аз кор баромада |
| 55055 | Хароҷот барои аз корбаромадани МБП |
| 55060 | Хароҷот барои таъмири воситаҳои асосӣ |
| 55070 | Хароҷоти дигари истеҳсолӣ |
| 55080 | Истифодабарии захираи маҳсулоти таёр барои |

| | |
|---|---|
| | манфиати шахсӣ |
| 55090 | Тасҳеҳи арзиши захираҳо |
| | |
| ***55100*** | ***Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда ( Барои муассисаҳои савдо)*** |
| 55110 | Пайдо кардани молҳо |
| ***55120*** | ***Баргардонидани моли фурӯхташуда*** |
| 55130 | Истифодаи молҳо ба манфиати шахсӣ |
| 55140 | Тасҳеҳи арзиши амвол |
| ***55200*** | ***Хароҷот оиди истеҳсоли дороиҳои биологӣ*** |
| | |
| ***55300*** | ***Хароҷоти оиди шартномаҳои сохтмон*** |
| | |
| ***55400*** | ***Хароҷотҳои вобаста ба фурӯш*** |
| 55410 | Хароҷот оиди реклама ва ҳамкори бо фурӯш |
| 55420 | Хароҷоти оиди музди меҳнат |
| 55430 | Хароҷот оиди иловапулӣ ба фондҳои иҷтимоӣ |
| 55450 | Хароҷот оиди қарзҳои нобовар |
| 55460 | Хароҷот оиди хизматрасонии кафолатнок |
| 55470 | Хароҷот оиди фарсудашавии воситаҳои асосӣ |
| 55475 | Хароҷот оиди фарсудашавии АКТ |
| 55480 | Хароҷот оиди мукофотонидан |
| 55490 | Дигар хароҷотҳои фурӯш |
| | |
| ***55500*** | ***Хароҷотҳои умумӣ ва хоҷагӣ*** |
| 55510 | Хароҷот ба музди меҳнат |
| 55511 | Хароҷот ба иловапулӣ ба фондҳои иҷтимоӣ |
| 55512 | Хароҷот ба илова |
| 55513 | Хароҷот ба пардохти хизматрасонӣ |
| 55514 | Андоз ба амвол |
| 55515 | Хароҷот ба амволи корхона |
| 55516 | Таъмир ва таҷҳизонидани техникии воситаҳои асосӣ |
| 55517 | Хароҷот ба кампютер |
| 55518 | Хароҷоти сафарҳои хизматӣ |
| 55519 | Ҷарима, ҷарима барои дер кардани мӯҳлати шартнома, ҷаримаи аҳдшикан |
| 55520 | Хароҷот барои таткиқот ва корҳои илмӣ |

| | |
|---|---|
| 55521 | Хароҷот оиди фарсудашавии воситаҳои асосӣ |
| 55522 | Хароҷот ба фарсудашавии дороиҳои ғайримоддӣ |
| 55523 | Хароҷот ба фарсудашавии АКТ |
| 55524 | Хароҷот ба арзиши изофа |
| 55525 | Дигар хароҷотҳои хоҷагӣ |
| ***55600*** | ***Дигар хароҷотҳои истеҳсолӣ*** |
| **Қисми 6. Даромад ва хароҷот аз хароҷот аз фаъолияти ғайримуомилотӣ фаъолияти ғайриамалиётӣ** | |
| ***66000*** | ***Даромад аз фаъолияти ғайримуомилотӣ*** |
| 66010 | Даромад дар шакли фоизҳо |
| 66020 | Даромад аз муассисаҳои якҷоя ва филиалҳо |
| 66030 | Даромад аз дивидендҳо |
| 66040 | Даромад аз фарқияти қурби пулӣ |
| 66050 | Дигар даромадҳои ғайримуомилотӣ |
| | |
| ***66100*** | ***Хароҷот аз рӯи фаъолияти ғайримуомилотӣ*** |
| 66110 | Хароҷот дар намуди фоиз |
| 66120 | Зарар аз фарқияти қурби пул |
| 66130 | Хароҷот оиди қарзҳои ғайримуомилотӣ |
| 66140 | Дигар хароҷотҳои ғайримуомилотӣ |
| ***66200*** | ***Бобҳои фавқулодда*** |
| ***66210*** | ***Даромади фавқулодда*** |
| ***66220*** | ***Зарари фавқулодда*** |
| ***66300*** | ***Хароҷот оиди андоз аз даромад*** |

*Замимаи 2*

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
## Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда, муносибатҳои ин соҳаро танзим менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

#### Моддаи 1. Мақсади Қонуни мазкур

Мақсади Қонуни мазкур аз таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва тартиб додани иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳ вобаста ба амалиёти хоҷагидорие мебошад, ки мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо (минбаъд – ташкилотҳо) барои истифодабарандагон пешниҳод менамоянд.

#### Моддаи 2. Мафҳумҳои асосии Қонуни мазкур

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **баҳисобгирии муҳосибӣ** - низоми ягонаи ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҷамъбасти иттилоот дар бораи молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва сармояи ташкилот, ки аз рӯи шаклҳои муқарраршуда тартиб дода шудаанд;
- **ҳисоби таркибӣ** – баҳисобгирии маълумоти ҷамъбастии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бораи намудҳои молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидорӣ

аз рӯи нишонаҳои муайяни иқтисодӣ, ки дар ҳисоби таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ нишон дода мешаванд;

- **ҳисоби таҳлилӣ** – баҳисобгирие, ки дар ҳисобҳои таҳлилии баҳисобгирии муҳосибӣ бо гурӯҳбандии маълумоти муфассал оид ба молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва муомилоти дохилихоҷагии ҳар кадом ҳисоби таркибӣ дарҷ гардидаанд;

- **нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ** – номгӯи ба низом даровардашудаи ҳисобҳои таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ;

- **ташкилоти муҳосибӣ** – шахси ҳуқуқие, ки хизматрасониро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод намуда, аъзои ташкилоти касбии муҳосибон мебошад ва дар басти вазифаҳои худ на камтар аз ду муҳосиби касбӣ дорад;

- **муҳосиби касбӣ** – шахси воқеие, ки ихтисос ва сертификати муҳосиби касбӣ дорад;

- **сирри муҳосибӣ** – иттилооти дорои сирри тиҷоратие, ки дар ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва феҳристи бақайдгирии муҳосибӣ дарҷ гардидааст;

- **ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ** - ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, сиёсати баҳисобгирӣ, нақшаи ҳисобҳо, ҳисоботи молиявӣ, шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари марбути баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии ташкилотҳо;

- **ташкилоти касбии муҳосибон** – ташкилоти ғайритиҷоратии аккредитатсияшудаи иттиҳодияи муҳосибон ва (ё) аудиторон, ташкилоти муҳосибӣ ё аудиторӣ;

- **аккредитатсия** – ҳуқуқи эътирофшудаи ташкилоти касбии муҳосибон, ки дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ шаҳодатнома дорад;

– **субъектҳои дорои манфиати умум** – ташкилотҳои аҳамияти калони ҷамъиятидошта, ки меъёрҳои муайян намудани аҳамияти онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

- **ҳисоботи молиявӣ** – маҷмӯи маълумоте, ки ҳолат ва натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳоро дар асоси нишондодҳои баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ё миллӣ дар бар мегирад;

- **феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ** - тартиби ҷамъоварӣ, ҷамъбасткунӣ ва мураттабсозии иттилооте, ки дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии аввалия ва мавҷуда барои инъикос кардан дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ қабул гардидаанд;

- **ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобғирӣ** – ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандаи амалиёт ё рӯйдодҳои ба анҷомрасида ё ҳуқуқи ба анҷом расонидани он дар ҳомилҳои коғазӣ ва электронӣ, ки дар асоси онҳо баҳисобгирии муҳосибӣ сурат мегирад;

- **сертификати муҳосиби касбӣ (минбаъд - сертификат)** – ҳуҷҷате, ки дараҷаи тахассуси касбии муҳосибро тасдиқ мекунад;

- **амалиёти хоҷагидорӣ** – муомила, рӯйдод, шарт ва амалиёте, ки ба ҳолати молиявии ташкилот, натиҷаи фаъолияти молиявии он ё муомилоти маблағ таъсир расонида метавонад;

- **сиёсати баҳисобгирӣ** – принсипҳои дақиқе, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти ташкилот, маҷмӯи қоидаҳо, усулҳо ва тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ муайян менамояд;

- **стандартҳои байналмилалӣ** – стандартҳо ва тафсирҳое, ки Фонди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба нашр расонида, мақоми ваколатдори давлатӣ барои истифода тасдиқ намудааст;

- **стандартҳои миллӣ** – ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, ки мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ намудааст;

- **маҳфуздоранда** – манбаи электронии маълумоти ҳисоботи молиявӣ дар мақоми ваколатдори давлатӣ, ки барои истифодабарандагон дастрас мебошад;

- **дороиҳо** - захираҳое, ки дар натиҷаи амалиёти пешин таҳти назорати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор дошта, гирифтани нафъи иқтисодӣ аз онҳо дар назар аст;

- **ӯҳдадориҳои муҳосибӣ** - ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки аз амалиёти пешин ба вуҷуд омада, дар натиҷаи танзими он захираи дороиҳои нафъи иқтисодӣ хориҷ мешаванд;

- **сармоя** – ҳиссаи дороиҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки пас аз тарҳ кардани маблағи ҳамаи ӯҳдадориҳо боқӣ мондааст;

- **даромад** – афзоиши манфиати иқтисодии давраи ҳисоботӣ дар шакли воридшавӣ ё зиёдшавии дороиҳо ё худ камшавии ӯҳдадориҳо, ки сармояи саҳомии бо ҳиссагузориҳои соҳибмулкон вобастаро афзун мегардонад;

- **хароҷот** – камшавии манфиати иқтисодӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шакли хориҷшавӣ ё камшавии дороиҳо ё худ зиёдшавии ӯҳдадориҳо, ки ба камшавии сармояи саҳомии бо ҳиссагузориҳои соҳибмулкон новобаста оварда мерасонад;

- **мақоми ваколатдори давлатӣ** – мақоми марказии ҳокимияти иҷроия, ки фаъолияти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро ба танзим медарорад.

### Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

### Моддаи 4. Доираи амали Қонуни мазкур

1. Қонуни мазкур нисбати ҳамаи ташкилотҳо, сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон, инчунин нисбати ташкилотҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд татбиқ мегардад, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

2. Соҳибкорони инфиродӣ, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, пешбурди ҳисоби даромад ва хароҷотро бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

## БОБИ 2. ВАЗИФАҲО ВА НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

### Моддаи 5. Вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъмин намудани шахсони манфиатдор бо иттилооти пурра ва дақиқ оид ба ҳолати молиявӣ, натиҷаи фаъолият ва тағйироти вазъи молиявии ташкилотҳо мебошад.

### Моддаи 6. Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ

1. Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ низоми батанзимдарорӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти иттилоот оид ба амалиёт ва рӯйдодҳои ташкилотҳо мебошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

2. Амалиёт ва рӯйдодҳои дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ инъикосёфта, дар асоси талаботи зерин амалӣ карда мешаванд:

- навиштаҷоти комилан мувофиқи муҳосибӣ бо ҳуҷҷатҳои аслии аввалия ва инъикоси ҳамаи амалиёту рӯйдодҳо дар навиштаҷоти муҳосибӣ;

- бақайдгирии муттасил ва саривақтии амалиёту рӯйдодҳо;

- мутобиқсозии ҳисоби таркибӣ бо ҳисоби таҳлилӣ ба санаи якуми ҳар моҳ.

3. Амалиёт ва рӯйдодҳо дар ҳисобҳои таркибӣ бо усули сабти дутарафа дар асоси нақшаи ҳисоби баҳисобгирии муҳосибии ташкилотҳо мутобиқ ба талаботе, ки мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар намудааст, инъикос карда мешаванд.

**Моддаи 7. Принсипҳо ва тавсифи сифатҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ**

1. Принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мунтасил ҳисоб кардан ва ба ҳисоб гирифтан мебошад.

2. Асоси тавсифи сифатии ҳисоботи молиявӣ возеҳ, бамаврид, боэътимод ва муқоисашаванда будан аст.

**Моддаи 8. Салоҳияти мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ салоҳиятҳои зеринро дорад:

- сиёсати давлатиро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ татбиқ менамояд, роҳбарии умумии методологиро ба зимма дорад ва аккредитатсияи ташкилотҳои касбии муҳосибонро мегузаронад;

- Шӯрои машваратиро ҳамчун мақоми экспертӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъсис дода, дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон Низомнома ва ҳайати шахсии онро тасдиқ менамояд;

- дар асоси барномаҳои байналмилалӣ ба номзадҳо сертификати муҳосиби касбӣ ва ба ташкилотҳо бошад, сертификати барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳад. Тартиби додани сертификат ва шартҳои сертификатсияи муҳосибони касбӣ, барномаи электронии баҳисобгирии

муҳосибӣ, инчунин мӯҳлати эътибор пайдо кардан ва беэътибор донистани онҳоро муайян менамояд;

- ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба масъалаҳои танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор қабул менамояд, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи ташкилотҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ҳатмӣ мебошад;

- ба ҳамаи шахсони манфиатдор, аз ҷумла ба аҳолӣ маълумотеро, ки дар маҳфузгоҳ мавҷуд аст, пешниҳод менамояд;

- салоҳиятҳои дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо иҷро менамояд.

## Моддаи 9. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иҷрои амалиёти хоҷагидорӣ масъул мебошанд.

2. Роҳбарони ташкилотҳо вобаста ба ҳаҷми кори баҳисобгирӣ вазифадоранд:

- хизматрасонии муҳосибиро ҳамчун сохтори таркибӣ, ки ба он сармуҳосиб (муҳосиб) роҳбарӣ мекунад, таъсис диҳанд;

- дар басти вазифаҳо вазифаи муҳосибро ҷорӣ намоянд;

- дар асоси шартнома баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро ба муҳосиботи марказӣ, ташкилоти муҳосибӣ ё ба муҳосиби касбӣ супоранд;

- баҳисобгирии муҳосибиро ҳангоми зарурат шахсан ба зимма гиранд.

3. Сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои мушаххас, низомнома, қоидаҳо ва таҷрибаи андӯхтаи ташкилотҳоро ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалӣ, миллӣ ва нақшаҳои ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба талабот ва хусусиятҳои фаъолияташон дар бар мегирад.

4. Сиёсати баҳисобгирии ташкилот бо қарори роҳбари аввали ташкилот ё шахси масъули ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ тасдиқ карда мешавад.

5. Ҳамзамон инҳо тасдиқ карда мешаванд:

- нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;

- шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ барои барасмиятдарории амалиёти хоҷагидорӣ ва ҳисоботи дохилии муҳосибӣ;

- тартиби гузаронидани барӯйхатгирӣ ва усулҳои нархгузории молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо;

- тартиби гардиши ҳуҷҷатҳо ва коркарди иттилооти баҳисобгирӣ;

- тартиби назорати амалиёти хоҷагидорӣ ва инчунин дигар қарорҳои барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ зарур.

6. Сиёсати баҳисобгирӣ дар ташкилот ба таври мунтазам ҳар сол татбиқ карда мешавад. Сиёсати баҳисобгирӣ метавонад дар ҳолатҳои тағйир ёфтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии мақомоте, ки баҳисобгирии муҳосибиро ба танзим медароранд, аз ҷониби ташкилот таҳия гардидани тартиби нави

баҳисобгирии муҳосибӣ ё дар ҳолати куллан тағйир ёфтани шароити фаъолияти онҳо тағйир ёбад.

### Моддаи 10. Талаботи асосӣ ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ

1. Баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидории ташкилотҳо бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

2. Молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки моликияти ташкилот ба ҳисоб меравад, аз молу мулки шахсони дигари ҳуқуқии ҳайати ин ташкилот алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд.

3. Баҳисобгирии муҳосибиро ташкилот ба таври доимӣ аз лаҳзаи ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуданаш амалӣ менамояд.

4. Ташкилот баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидориро бо усули сабти дутарафаи ба ҳам алоқаманди ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ амалӣ менамояд.

5. Маълумоти баҳисобгирии таҳлилӣ ба муомилот ва бақияи ҳисобҳои баҳисобгирии таркибӣ мувофиқат менамояд.

6. Тамоми амалиёти хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои барӯйхатгирӣ бе истисно дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ саривақт ва пурра ба қайд гирифта мешаванд.

7. Субъектҳои дорои манфиати умум вазифадоранд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва Қонуни мазкур амалӣ намоянд.

8. Роҳбарони субъектҳои дорои манфиати умум вазифадоранд, ки хизматрасонии доимоамалкунандаи аудити дохилиро таъсис диҳанд.

9. Ташкилотҳо, ба истиснои субъектҳои дорои манфиати умум, вазифадоранд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои миллӣ амалӣ намоянд.

10. Барои ташкилотҳои хурде, ки низоми андозбандии соддакардашударо истифода мебаранд, усули соддакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирии муҳосибӣ муқаррар карда мешавад.

### Моддаи 11. Роҳбари хизматрасонии муҳосибӣ

1.Роҳбари хизматрасонии муҳосибӣ (минбаъд–сармуҳосиб) сармуҳосиби ташкилот ва ё дигар шахси мансабдоре мебошад, ки ӯ бевосита ба роҳбари ташкилот итоат намуда, барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, сари вақт ва пурра пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ масъул мебошад.

2. Ба вазифаи сармуҳосиби дастгоҳи мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ, молиявӣ ва саҳомие, ки аз нисф зиёди сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи давлат мебошад, шахсоне таъин карда мешаванд, ки:

- таҳсилоти олии иқтисодӣ дошта бошанд;
- собиқаи кории касбиашон аз 5 сол кам набошад

3. Ба вазифаи сармуҳосиби субъектҳои дорои манфиати умум шахсоне таъин карда мешаванд, ки сертификати муҳосиби касбӣ дошта бошанд.

4. Сармуҳосиби бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва молиявии хурд бояд ба талаботи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошанд.

5. Сармуҳосиб мутобиқати амалиёти хоҷагидориро бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назоратро ба муомилоти молу мулк, дороиҳо ва иҷрои ӯҳдадориҳо таъмин менамояд.

6. Талаби сармуҳосиб дар бораи ба расмият даровардани амалиёти хоҷагидорӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои лозимӣ ва маълумоти муҳосиботӣ барои ҳамаи кормандони ташкилот ҳатмӣ мебошад.

7. Ҳуҷҷатҳои пулӣ ва ҳисобу китоб, ӯҳдадориҳои молиявӣ ва қарзӣ бе имзои сармуҳосиб эътибор надоранд ва барои иҷро қабул карда намешаванд.

8. Шахси масъули моддии ташкилот бо мувофиқаи сармуҳосиб ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда, аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронида мешавад.

9. Дар сурати вуҷуд доштани ихтилофи ақидаҳо миёни роҳбари ташкилот ва сармуҳосиб дар мавриди иҷрои баъзе амалиёти хоҷагидорӣ ҳуҷҷатҳо танҳо дар сурати супориши хаттии роҳбари аввали ташкилот, ки ӯ барои оқибати иҷрои чунин амалиёт пурра масъул аст, барои иҷро қабул карда мешаванд.

10. Ҳангоми аз вазифа озод кардани сармуҳосиб ҳуҷҷатҳо ба сармуҳосиби навтаъингашта (дар сурати набудани ӯ - ба корманди бо қарори дахлдор таъиншуда) супурда, дар раванди он ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ, боэътимодии маълумоти ҳисоботӣ аз ҷониби комиссияи таъсисгардида санҷида, санади дахлдор тартиб дода мешавад, ки онро роҳбари аввали ташкилот тасдиқ мекунад.

**Моддаи 12. Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ**

1.Тамоми амалиёти хоҷагидорӣ, ки ташкилот онро анҷом медиҳад, бояд бо ҳуҷҷатҳои дахлдор ба расмият дароварда шаванд. Ин ҳуҷҷатҳо ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ буда, дар асоси онҳо баҳисобгирии муҳосибӣ сурат мегирад.

2. Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ ба шарте қабул карда мешаванд, ки онҳо аз рӯи шакли тасдиқкардаи мақоми ваколатдори давлатӣ тартиб дода шуда, маълумоти ҳатмии зеринро дар бар гирифта бошанд:

- номгӯи ҳуҷҷат;
- рақами ҳуҷҷат;
- санаи тартиб додани ҳуҷҷат;
- номи ташкилот, ки аз номи он ҳуҷҷат тартиб дода шудааст;
- мундариҷаи амалиёти хоҷагидорӣ ё рӯйдод;
- воҳиди ченаки амалиёти хоҷагидорӣ ё рӯйдод;
- чекҳои мошинаҳои хазинавӣ- назоратии дорои хотираи фискалӣ;
- насаб, ном ва номи падар, мансаби шахсоне, ки барои анҷом додани амалиёти хоҷагидорӣ ва дурустии барасмиятдарории онҳо масъул мебошанд ва имзои шахсии онҳо;
- рақами мушаххаси андозсупоранда.

3. Рӯйхати шахсонеро, ки ҳуқуқи имзо кардани ҳуҷҷати аввалияи баҳисобгириро доранд, роҳбари аввали ташкилот дар мувофиқа бо сармуҳосиб тасдиқ мекунад.

4. Ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо амалиёти хоҷагидорӣ бо маблағ ба расмият дароварда мешавад, аз тарафи роҳбари аввали ташкилот, сармуҳосиб ё шахси ваколатдори онҳо имзо карда мешаванд.

5. Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ аз лаҳзаи анҷом ёфтани амалиёти хоҷагидорӣ тартиб дода мешаванд.

6. Шахсоне, ки ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгириро тартиб дода, имзо кардаанд, онҳоро сари вақт ва хушсифат ба расмият медароранд ва барои инъикос намудан дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мӯҳлати муқарраршуда супорида, дурустии маълумоти дар онҳо дарҷёфтаро таъмин менамоянд.

7. Даровардани ислоҳ дар ҳуҷҷатҳои хазинавӣ ва бонкӣ манъ аст. Дар дигар ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ танҳо дар мувофиқа бо иштирокчиёни амалиёти хоҷагидорӣ ислоҳ дароварда мешавад ва ин ислоҳи даровардашуда бо имзои шахсоне, ки ин ҳуҷҷатҳоро имзо кардаанд, бо нишон додани санаи даровардани ислоҳ тасдиқ карда мешавад.

8. Барои амалӣ намудани назорат ва батартибдарории маълумот оид ба амалиёти хоҷагидорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ ҳуҷҷатҳои ҷамъбастии баҳисобгирӣ тартиб дода мешаванд.

9. Ҳуҷҷатҳои аввалия ва ҷамъбастии баҳсобгирии муҳосибӣ дар ҳомилҳои коғазӣ ва электронӣ тартиб дода мешаванд.

10. Ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешаванд.

11. Сармуҳосиб ё шахси мансабдори дигари ташкилот ҳуқуқ доранд дар ҳузури шахсоне, ки ин ҳуҷҷатҳоро мусодира мекунанд, аз ҳуҷҷатҳо нусха бардоранд.

**Моддаи 13. Ташкилоти касбии муҳосибон**

1. Ташкилоти касбии муҳосибон тибқи оинномa, шартҳо ва қоидаҳои сертификатсия ва аккредитатсия амал намуда, баҳисобгирии муҳосибиро пеш мебарад.

2. Сохтор ва мақоми идоракунии ташкилоти муҳосибони касбиро оинномаи он мутобиқи қоидаҳои аккредитатсия муайян менамояд.

3. Ташкилоти касбии муҳосибон ҳуқуқ дорад:

- дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ иштирок намояд;

- таҷрибаи пешқадамро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҷамъбасту таҳлил кунад ва такмил диҳад.

4.Ташкилоти касбии муҳосибон ӯҳдадор аст:

- қоидаҳои аккредитатсияро риоя намояд;

- ба мақоми ваколатдори давлатӣ ҳисоботро оид ба фаъолияти худ бо тартиби муқарраршуда пешниҳод намояд.

5. Талабот нисбат ба ташкилоти касбии муҳосибон инҳоянд:

- ба ҳайати ташкилоти касбии муҳосибон бояд мутахассисоне қабул карда шаванд, ки дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ё аудит ақаллан ду сол таҷрибаи корӣ дошта бошанд;

- риояи Кодекси одоби муҳосиби касбӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ барои ҳамаи аъзои ташкилоти касбии муҳосибон ҳатмӣ мебошад;

- низоми тахассусии аъзои ташкилот ба қоида ва шартҳои сертификатсия ҳатман мутобиқ бошад.

**Моддаи 14. Феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ**

1. Феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади сари вақт танзим намудан ва андӯхтани иттилооти дар ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ қабулгашта барои инъи-

кос кардан дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ шудааст.

2. Феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли китоби махсус дар варақаҳои алоҳида ва дигар ҳомилҳои электронӣ сабт мешавад.

3. Амалиёти хоҷагидорӣ дар феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ муттасил ва мутобиқи ҳисобҳои дахлдори баҳисобгирии муҳосибӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

4. Инъикоси дурусти амалиёти хоҷагидориро дар феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ шахсоне, ки онро тартиб дода, имзо кардаанд, таъмин менамоянд.

5. Зимни нигоҳдории феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ он аз ғайриқонунӣ ислоҳ даровардан ҳифз карда мешавад. Ислоҳи хатоҳо дар феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ асоснок карда, бо имзои шахсе, ки ин ислоҳро даровардааст, бо нишон додани санаи даровардани ислоҳ тасдиқ карда мешавад.

6. Мундариҷаи феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибии дохилӣ сирри тиҷоратӣ ҳисобида мешавад.

7. Шахсоне, ки барои гирифтани иттилоот аз феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибии дохилӣ иҷозат доранд, вазифадоранд, ки сирри тиҷоратии онро нигоҳ доранд.

### Моддаи 15. Баҳисобгирии молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо

1. Молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо барои инъикос намудани онҳо дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз тарафи ташкилот ба китоби ворида сабт карда мешаванд.

2. Молу мулк ва дороиҳои воридшуда ба китоби ворида бо тартиби зерин сабт карда мешаванд:

- молу мулки харидашуда - бо роҳи ҷамъ кардани хароҷоти воқеӣ;

- молу мулки ба тарзи ройгон гирифташуда - бо арзиши бозорӣ дар рӯзи ба китоби ворида сабт шудани он;

- молу мулки дар худи ташкилот истеҳсолшуда - бо арзиши аслии он.

3.Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ новобаста ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ дар давраи ҳисоботӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

4. Тартиби дигари даромад намудани молу мулк, аз ҷумла бо роҳи захиракунонӣ, дар ҳолатҳое иҷозат дода мешавад, ки санадҳои меъёрии мақоми ваколатдори давлатӣ пешбинӣ карда бошанд.

5. Баҳисобгирии муҳосибии ҳисобҳои асъории ташкилотҳо ва амалиёт бо асъори хориҷӣ ва миллӣ дар асоси ҳисоби асъори хориҷӣ бо қурби мубодилавии Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи гузаронидани амалиёт амалӣ мегардад.

### Моддаи 16. Барӯйхатгирии молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо

1. Барои таъмини боэътимоди маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ташкилотҳо ӯх-

дадоранд, ки молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳояшонро ба рӯйхат гиранд. Дар асоси он мавҷудияти ин молу мулк, ҳолат ва нархгузории онҳо санҷида, бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда мешаванд

2. Тартиб ва мӯҳлати барӯйхатгирии молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳоро роҳбари ташкилот муайян мекунад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки барӯйхатгирӣ ҳатмӣ мебошад.

3. Дар ҳолатҳои зерин барӯйхатгирӣ ҳатмӣ мебошад:

- ҳангоми супурдани молу мулк ба иҷора ва хариду фурӯш;

- пеш аз тартиб додани ҳисоботи солонаи муҳосибӣ;

- ҳангоми дигар шудани шахсони масъули моддӣ;

- ҳангоми ошкор гардидани ҳолати дуздӣ, суиистифода ва ё хароб кардани молу мулк;

- ҳангоми офатҳои табиӣ, сӯхтор ва ё ҳолатҳои дигари фавқулодда;

- ҳангоми азнавташкилдиҳӣ, ҷудо кардан ё барҳамдиҳии ташкилот;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ.

4. Ҳангоми барӯйхатгирӣ фарқи муайяншудаи байни мавҷудияти воқеии молу мулк, дороиҳо ва нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи тартиби зерин инъикос карда мешавад:

- молу мулк ва дороиҳои зиёдатӣ дар китоби ворида навишта шуда, маблағи дахлдор ба натиҷаҳои молиявии ташкилот гузаронида мешаванд;

- камомади молу мулк ва дороиҳо, вайроншавии он дар ҳудуди меъёри камшавии табиӣ аз ҳисоби истеҳсолот ё муомилот ва дар сурати зиёда аз меъёр будан аз ҳисоби шахси гунаҳкор ҷуброн карда мешавад. Агар шахсони гунаҳкор муайян нашуда бошанд ё ки суд рӯёнидани товони зиёнро аз ҳисоби онҳо рад намояд, пас камомади молу мулк, дороиҳо ва молу мулки вайроншуда аз натиҷаи молиявии ташкилот аз ҳисоб бароварда мешавад.

5. Ҳангоми ошкор гардидани дуздӣ, камомад, қасдан нобуд ё хароб намудани арзишҳои моддӣ, товони зиён аз ҳисоби шахси гунаҳкор ситонида мешавад.

### Моддаи 17. Таркиби ҳисоботи муҳосибӣ

1. Таркиби ҳисоботи муҳосибӣ оид ба баҳодиҳии ҳолати молиявӣ аз молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва сармоя иборат мебошад.

2. Ҳамаи ташкилотҳо вазифадоранд, ки дар асоси маълумотҳои ҳисоби таркибӣ ва ҳисоби таҳлилӣ ҳисоботи муҳосибиро тартиб диҳанд.

3. Таркиб ва ҳаҷми ҳисоботи муҳосибиро барои ташкилотҳо мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд.

4. Ба ташкилотҳои нашрия дар матбааҳо зиёд кардан, тайёр намудан ва ба фурӯш баровардани варақаҳо ва шаклҳои ҳисоботи муҳосибӣ ва молиявӣ бе иҷозати хаттии мақоми ваколатдори давлатӣ манъ аст

### Моддаи 18. Соли ҳисоботӣ

1. Барои ҳамаи ташкилотҳо соли ҳисоботӣ барои ҳисоботи молиявӣ аз 1 январ то 31 декабр шуморида мешавад.

2. Барои ташкилотҳои азнавташкилшуда соли аввали ҳисоботӣ давраи аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ то 31 декабр шуморида мешавад.

3. Ҳисоботи ҳармоҳа ва семоҳа фосилавӣ буда, бо ҷамъбасти афзоишӣ аз аввали соли ҳисоботӣ тартиб дода мешавад.

## Моддаи 19. Тартиб ва мӯҳлати пешниҳод кардани ҳисоботи муҳосибӣ

1. Ҳамаи ташкилотҳо (ба истиснои ташкилотҳои буҷетӣ) ҳисоботи солонаи муҳосибиро мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба муассисон ё соҳибони молу мулк пешниҳод менамоянд.

2. Вазорату идораҳо ҳисоботи ҷамъбастии муҳосибии семоҳа ва солонаро ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар мӯҳлатҳои муқарраркарда месупоранд.

3. Мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ, бонкҳо ва дигар истифодабарандагон ҳисоботи муҳосибро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

4. Ташкилотҳои буҷетӣ ҳисоботи ҳармоҳа, семоҳа ва солонаи муҳосибиро ба мақоми болоӣ дар мӯҳлатҳои муқарраркардаи онҳо месупоранд.

## Моддаи 20. Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ

1. Ташкилотҳо вазифадоранд, ки ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва феҳристи баҳисобгирии муҳосибиро дар ҳомилҳои коғазӣ ва ё электронӣ дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доранд.

2. Барои ташкили нигаҳдории баҳисобгирӣ, феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ роҳбар ва сармуҳосиби ташкилот масъул мебошанд.

### Моддаи 21. Сирри муҳосибӣ

1. Маълумоти ҳуҷҷатҳои аввалия ва феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ сирри тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, онро танҳо шахсоне, ки иҷозати роҳбари аввали ташкилотро доранд ва шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда метавонанд.

2. Шахсоне, ки ба сирри тиҷоратӣ дастрасӣ доранд, барои ошкор сохтани он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

## БОБИ 3. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

### Моддаи 22. Ҳисоботи молиявӣ

1. Ҳисоботи молиявӣ маълумотро дар бораи ҳолати молиявӣ, натиҷаи фаъолият ва тағйироти вазъи молиявии ташкилотҳо, ки мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ тайёр карда шудаанд, дар бар мегирад. Ташкилотҳо ӯҳдадоранд, ки барои ҳар як давраи ҳисоботӣ ҳисоботи солонаи молиявӣ ва фосилавиро мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ё миллӣ тартиб диҳанд.

2. Қоидаҳои тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва талаботи иловагӣ ба он тибқи стандартҳои байналмилалӣ ё миллӣ ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ муқаррар карда мешаванд.

3. Ҳаҷм, шакл ва тартиби тайёр намудани ҳисоботи молиявии субъектҳои дорои манфиати умум, ба истисноти

ташкилотҳое, ки дар қисми 4 моддаи мазкур пешбинӣ гардидаанд, тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва Қонуни мазкур муайян карда мешаванд.

4. Ҳаҷм, шакл ва тартиби тайёр намудани ҳисоботи молиявии бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва молиявии хурдро Бонки миллии Тоҷикистон муайян менамояд.

5. Ҳисоботи молиявиро роҳбари аввали ташкилот ва сармуҳосиб имзо мекунанд.

**Моддаи 23. Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ**

1. Ҳисоботи молиявӣ бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад.

2. Ташкилот ҳисоботи молиявиро ба муассис тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва мақоми ваколатдори давлатии соҳаи омор дар ҷои қайди давлатӣ пешниҳод менамояд.

3. Ҷамъиятҳои саҳомӣ ва дигар ташкилотҳое, ки ҳисоботи молиявиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ тартиб медиҳанд, вазифадоранд ҳисоботи молиявии солонаро бо хулосаи аудиторӣ бо тартиб ва дар мӯҳлати муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба маҳфуздоранда пешниҳод намоянд.

4. Ташкилотҳо ҳисоботи молиявиро то 30 апрели соли баъд аз соли ҳисоботӣ пешниҳод менамоянд.

**Моддаи 24. Нашри ҳисоботи молиявӣ**

Ҷамъиятҳои саҳомӣ, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарздиҳӣ, суғуртавӣ, биржаҳо, Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, фондҳои сармоягузорӣ ва дигар фондҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ ташкил шудаанд, вазифадоранд ҳисоботи солонаи молиявиро дар мӯҳлати на дертар аз 1 июни соли баъд аз

соли ҳисоботи аз ҳисоби худашон дар воситаҳои ахбори омма нашр намоянд.

## БОБИ 4. ТАНЗИМ ВА НАЗОРАТИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

### Моддаи 25. Танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

1. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ ба танзим дароварда мешавад.

2. Танзими давлатии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии бонкҳо, ташкилотҳои қарздиҳӣ ва молиявии хурд аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 26. Назорат дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

1. Назорат дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар шакли санҷиш гузаронида мешавад.

2. Санҷиш дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ тибқи Қонуни мазкур ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 27. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 28. Дар бораи аз эътибор соқит намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 1999 «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №5, мод. 63; с. 2006, №11, мод. 473) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 29. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**

ш. Душанбе,
25 марти соли 2011,
№ 702

## АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ

### *АСОСӢ:*


1. Астахов В.П. «Бухгалтерский учет» - Москва, 2008г.
2. Бабаев Ю.А. «Бухгалтерский учет» - Москва, 2008г.384с.
3. Баҳисобгирии молиявӣ: дастури таълимӣ. Коллективи муаллифон, ИҶБАК ҶТ, Душанбе, «Контраст», 2011 – 315с.
4. Беликова Т.Н. «Как грамотно читать тавозун» - Москва, 2008г, 176с.
5. Гулов Т.Г. “Назарияи ҳисобгирии бухгалтерӣ” Душанбе, Ирфон, 1999с
6. Кувишнов И.Е. «Бухгалтерский учет, экспрсс-курс» - Москва, 2008, 296с.
7. Ларионова «Бухгалтерский учет»- Москва, 2008г.
8. Молчанов С.С. «Бухгалтерский учёт» - Москва, 2010г.
9. Муравицкая Н.К.«Бухгалтерский учет»- Москва, 2005г, 528с.
10. Нидлз Б., Андерсон Х., Колдуэлл Д. Принципы бухгалтерского учета. Пр. с анг./под ред. Я.В. Соколова. 2-е изд., М., Финансы и статистика, 1996г.
11. Пошерстник Н.В. «Бухгалтерский учет на современном предприятии» - Москва,2008г, 552с.
12. Раҳимов С.Х. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ, дастури таълимӣ (маҷмӯи лексияҳо), Душанбе, Ирфон-2011, 204с.
13. Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, дастури таълимӣ (маҷмӯи лексияҳо), Душанбе, Ирфон-2011, 268с.
14. Рахимов С.Х. Бухгалтерская финансовая отчетность/ Учебное пособие – Душанбе-РТСУ, 2009г.
15. Уроқов Д.У., Раҳимов С.Х. ва диг. Аудит - Душанбе 2002
16. Русалева Л.А. «Теория бухгалтерского учета» - Ростов на Дону, 2005г, 448с.
17. Соколов Я.В. Основы теории бухгалтерского учета. М.: Финансы и статистика, 2000г.
18. Суворова С.Л. «Бухгалтерский учет»- Москва, 2007г, 344с.

19. Уроқов Д.У. «Назарияи ҳисобгирии бухгалтерӣ» - Душанбе, 2008, 351с.
20. Харченко О.Н. «Бухгалтерский учет, анализ и аудит»- Москва, 2008г, 176с.
21. Шерназаров А.Ш ва дигарон. “Назарияи ҳисобгирии бухгалтерӣ” Душанбе, 2003с.

## *ИЛОВАГӢ:*

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702
2. Низомнома оиди ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // аз 30 декабри 1999с. № 163
3. Нақшаи ҳисобҳои ҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилотву ташкилотҳо ва дастурамал оиди истифодабарии он. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марта 2004с. № 28
4. Дастурамал «Оиди тартиби пур кардани шаклҳои ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ)-и семоҳа ва солона аз тарафи субъектҳои хоҷагидорӣ мувофиқи СБҲМ». Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2004
5. Сиёсати баҳисобгирии ташкилот. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.09.1999г. № 135, // Финансы и бухгалтерский учет - 2000г, №1.

---

Ба чопаш 24.10.2011 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/16. Қоғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 11,0. Теъдоди нашр 500 нусха. Супориши №202.

ҶДММ “ЭР-граф”.
734036, Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: +992 (37) 881-15-16. E-mail: r-graph@mail.ru.

ISBN 978-99947-41-72-4
9 789994 741724